	гардиши савдои хориҷӣ	*январ-октябр с.2026 бо ҳисоби фоиз нисбат ба январ-октябри с.2025*	*содирот*	*воридот*
Уганда	1,9	5,3	0,0	1,9
Тунис	1,7	1,9 бар	0,0	1,7
Экваториальная гневея	4,2	0,0	0,0	4,2
Эфиопия	3,3	0,0	2,7	0,6
Южная Африка	756,2	2,3 бар	327,1	429,1
Австралия ва Океания	**513,4**	**244,8**	**0,0**	**513,4**
Австралия	394,5	2,6 бар	0,0	394,5
Зеландияи нав	118,9	2,0 бар	0,0	118,9

Оид ба содирот шарикони асосӣ инҳоянд: Чин – 31,8 фоиз аз ҳаҷми умумии содирот, Швейтсария – 21,6 фоиз, Ӯзбекистон – 9,7 фоиз, Туркия – 7,0 фоиз, Русия – 5,6 фоиз, Нидерланд - 4,9 фоиз, Белгия – 4,1 фоиз, Эрон – 4,0 фоиз, Афғонистон –3,8 фоиз, Қазоқистон– 3,4 фоиз, АМА – 1,0 фоиз, Қирғизистон ва Италия – 0,4 фоизӣ ва ғайраҳо.

Воридоти мол асосан аз мамлакатҳои зерин сурат гирифтааст: Чин – 27,4 фоиз аз ҳаҷми умумии воридот, Русия – 20,9 фоиз, Қазоқистон – 12,7 фоиз, Швейтсария – 5,4 фоиз, ИМА – 4,7 фоиз, Ӯзбекистон – 4,9 фоиз, Эрон – 4,2 фоиз, Ҷумҳурии Корея –2,3 фоиз, Беларус - 2,1 фоиз, Олмон ва Туркманистон – 1,8 фоизӣ, Туркия – 1,7 фоиз, Ҷопон- 1,4 фоиз, АМА – 1,0 фоиз, – 1,8 фоиз, Ҳиндустон – 0,7 фоиз, Қирғизистон - 0,5 фоиз, Полша ва Ветнам – 0,4 фоизӣ, Афғонистон, Италия, Литва ва Украина – 0,3 фоизӣ, ва ғайраҳо.

Дар амалиёти савдои хориҷӣ афзоиши бештари содирот нисбат ба воридот бо Нидерланд (93,0 млн. доллар), Белгия (88,0 млн.доллар), Туркия (4,1 млн.доллар)ва бо Афғонистон (64,1 млн. доллар) мушоҳида шудааст.

4.2. ЁРИИ БАШАРДӮСТОНА

Тибқи маълумоти расмии Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар моҳҳои январ-октябри соли 2026 ба ҷумҳурӣ 38 мамлакати хориҷи дуру наздик ба маблағи 29364,1 ҳазор доллар ё 9652,5 тонна ёрии башардӯстона расондаанд.


Аз ҷумлаи мамлакатҳои ёрирасон таносуби бештар аз рӯи арзиши ёрии башардӯстона ба ИМА – 29,6 фоиз, Россия – 26,1 фоиз, Чин – 9,6 фоиз, Нидерланд – 7,1 фоиз, Ҳиндустон –7,0 фоиз, Ҷумҳурии Корея – 5,5 фоиз, Белгия –4,4 фоиз, Эрон – 2,1 фоиз, Ҷопон – 1,4 фоиз, Олмон ва Туркия – 0,9 фоизӣ, Дания – 0,8 фоиз, Финляндия- 0,6 фоиз, АМА – 0,5 фоиз, Белоруссия – 0,4 фоиз, Ӯзбекистон, Италия, Британияи Кабир ва Австралия – 0,3 фоизӣ, Қазоқистон - 0,3 фоиз ва ғайраҳо рост меояд.

5. СОҲАИ ИҶТИМОӢ
5.1 ВАЗЪИ ДЕМОГРАФӢ


Шумораи аҳолӣ

Бо назардошти шумораи таваллудшудагон, фавтидагон ва муҳоҷират шумораи аҳолӣ (аз рӯи ҳисобҳои пешакӣ) то 1-уми октябри соли 2026 10867,0 ҳазор нафарро ташкил дода, дар муқоиса нисбат ба ҳамин давраи соли 2025 – 2,0 фоиз зиёд шудааст. Дар сатҳи минтақаҳо шумораи аҳолӣ дар вилояти Хатлон – 3938,5 ҳазор нафар, дар вилояти Суғд – 3047,6 ҳазор нафар, НТҶ – 2336,9 ҳазор нафар, шаҳри Душанбе – 1307,0 ҳазор нафар ва ВМКБ – 237,0 ҳазор нафарро ташкил додааст.

Шумораи аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи минтақаҳо то 1 октябри соли 2026



Ҳиссаи шумораи аҳолии доимӣ то 1-уми октябри солҳои 2025-2026 дар сатҳи минтақаҳо




Таваллуд, фавт, афзоиши табиӣ


Дар моҳҳои январ - сентябри соли 2026 мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ (САҲШ) – 175,8 ҳазор[1] кӯдакони навзоди дар мӯҳлатҳои дар асоси қонун муайян кардашуда (бе назардошти сабти барқароркунии таваллудҳои солҳои пешин) ва 26,2 ҳазор шахсони фавтида, аз он ҷумла 1,4 ҳазор кӯдакони синни то 1 сола фавтидаро ба қайд гирифтаанд.

Коэффитсиенти умумии таваллуд ва коэффитсиенти умумии фавт аз рӯи баҳои пешакӣ мутаносибан ба 1000 нафар аҳолӣ 21,7 ва 3,2 нафар рост омадааст.

Коэффитсиенти умумии таваллуд ба 1000 нафар аҳолӣ дар сатҳи минтақаҳо



Коэффитсиенти умумии фавт ба 1000 нафар аҳолӣ дар сатҳи минтақаҳо



[1] Мувофиқи методологияи баҳисобгирии шумораи аҳолӣ ва дигар нишондиҳандаҳои демографӣ, таваллудҳои бақайдгирифташудаи дар давоми соли тақвимӣ ба инобат гирифта мешавад

Дар моҳҳои январ - сентябри соли 2026 нисбат ба ҳамин давраи соли 2025 дар ҷумҳурӣ бақайдгирии таваллуд 2,5 фоиз кам шудааст. Камшавии бақайдгирии таваллуд ба ғайр ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар ҳамаи минтақаҳо мушоҳида карда мешавад. Камшавии бақайдгирии таваллуд дар вилояти Суғд 1,9 фоиз (42,6 ҳазор нафар), шаҳри Душанбе 2,3 фоиз (18,4 ҳазор нафар), дар ВМКБ 11,5 фоиз (2,1 ҳазор нафар) ва дар вилояти Хатлон 4,0 фоиз (71,4 ҳазор нафар)-ро ташкил намудааст.

Дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ бақайдгирии таваллуд дар сатҳи соли гузашта қарор дошта (41,4 ҳазор нафар)-ро ташкил медиҳад.

Шумораи таваллуд, фавт ва афзоиши табиии аҳолӣ дар моҳҳои январ - сентябри солҳои 2025 - 2026

	шумораи таваллудҳои ба қайд гирифташудаи дар мӯҳлати дар асоси қонун муайян шуда		*шумораи шахсони фавтида*		*афзоиши табиии аҳолӣ*	
	2025	*2026*	*2025*	*2026*	*2025*	*2026*
	нафар					
Ҷумҳурӣ	**180346**	**175826**	**25401**	**26228**	**154945**	**149598**
аз он ҷумла:						
ВМКБ	2352	2081	635	751	1717	1330
Вилояти Суғд	43424	42614	8391	8435	35033	34179
Вилояти Хатлон	74414	71417	8808	9167	65606	62250
ш.Душанбе	18792	18359	2567	2596	16225	15763
НТҶ	41364	41355	5000	5279	36364	36076

Бақайдгирии шахсони фавтида дар моҳҳои январ - сентябри соли 2026 нисбат ба ҳамин давраи соли 2025-ум 3,3 фоиз зиёд шуда 26,2 ҳазор нафарро ташкил дод. Зиёдшавии бақайдгирии шахсони фавтида дар ҳамаи минтақаҳои ҷумҳурӣ мушоҳида шудааст. Дар шаҳри Душанбе бақайдгирии шахсони фавтида – 1,1 фоиз (2,6 ҳазор фавт), дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ – 5,6 фоиз (5,3 ҳазор фавт), дар вилояти Хатлон – 4,1 фоиз (9,2 ҳазор фавт), дар вилояти Суғд – 0,5 фоиз (8,4 ҳазор фавт) ва дар ВМКБ – 18,3 фоиз ё 751 фавтро ташкил намуд.

Афзоиши табиии аҳолӣ аз рӯи маълумоти пешакӣ дар моҳҳои январ - сентябри соли 2026 нисбат ба ҳамин давраи соли 2025 ба андозаи 3,5 фоиз кам шуда, 149,6 ҳазор нафар ё ба 1000 нафар аҳолӣ 18,5 нафар рост омадааст.


Никоҳ ва бекоршавии акди никоҳ

Шумораи никоҳи бақайдгирифтаи мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ (САҲШ) дар моҳҳои январ- сентябри соли 2026 нисбат ба ҳамин давраи соли 2025, 3,6 фоиз кам шуда, 50,0 ҳазор ҷуфти никоҳро ташкил кардааст. Коэффитсиенти умумии никоҳ дар моҳҳои январ - сентябри соли 2026 ба 1000 нафар аҳолӣ 6,2 ададро ташкил кардааст.


Шумораи бекоршавии акди никоҳи ба қайдгирифташудаи мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ (САҲШ) дар моҳҳои январ- сентябри соли 2026 нисбат ба ҳамин давраи соли 2025, 14,0 фоиз кам шуда 5,4 ҳазор ҷуфтро ташкил кардааст.

Коэффитсиенти умумии бекоршавии акди никоҳ дар моҳҳои январ - сентябри соли 2026 ба 1000 нафар аҳолӣ 0,7 ададро ташкил кардааст.

Коэффитсиенти умумии никоҳ ба 1000 нафар аҳолӣ



Коэффитсиенти умумии талоқ ба 1000 нафар аҳолӣ



Шумораи никоҳ ва талоқ дар моҳҳои январ - сентябри солҳои 2025-2026, ҷуфт

	шумораи никоҳ		*шумораи талоқ*	
	2025	*2026*	*2025*	*2026*
Ҷумҳури Тоҷикистон	**51847**	**49983**	**6277**	**5397**
аз он ҷумла:				
ВМКБ	664	640	135	103
Вилояти Суғд	15403	15676	2333	2157
Вилояти Хатлон	17762	16141	1414	1158
ш.Душанбе	7419	7934	1194	918
НТҶ	10599	9592	1201	1061

Муҳоҷирати бебозгашти дохилӣ ва хориҷӣ (бо иваз кардани маҳалли истиқомат)

Муҳоҷирати бебозгашт бо иваз кардани маҳалли истиқомат аз рӯи маълумоти қайди талонҳои ашхоси кӯчидаомада ва кӯчидарафта дар шӯъбаҳои шиносномаи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб гирифта мешавад. Дар моҳҳои январ - сентябри соли 2026 нисбат ба ҳамин давраи соли 2025 муҳоҷирати бебозгашти дохилӣ ва хориҷӣ дар ҷумҳурӣ зиёд шудааст.

Муҳоҷирати аҳолӣ дар солҳои 2025-2026

	Шумораи аҳолии кучидаомада		*Шумораи аҳолии кучидарафта*		*Афзоиши аҳолӣ аз муҳоҷират (+,-)*	
	нафар	*ба ҳисоби фоиз нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта*	*нафар*	*ба ҳисоби фоиз нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта*	*нафар*	*ба ҳисоби фоиз нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта*
соли 2025						
семоҳаи 1	5781	96,5	7135	95,6	-1355	92,1
семоҳаи 2	5230	100,1	7611	109,2	-2381	136,4
семоҳаи 3	6300	92,6	8759	94,0	-2459	98,0
семоҳаи 4	6750	95,9	8985	93,5	-2234	87,1
дар як сол	**24061**	**96,0**	**32490**	**97,4**	**-8429**	**101,7**
соли 2026						
семоҳаи 1	5571	96,4	7203	101,0	-1632	120,4
семоҳаи 2	5373	102,7	7485	98,3	-2112	88,7
семоҳаи 3	6417	101,9	8828	100,8	-2411	98,0

Шумораи умумии муҳоҷирон (шумораи аҳолии кӯчидаомада ҷамъи шумораи аҳолии кӯчидарафта) дар моҳҳои январ - сентябри соли 2026, 40,9 ҳазор нафарро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2025-ум 0,1 фоиз зиёд мебошад, аз он ҷумла аҳолии кӯчидаомада 17,4 ҳазор нафар ва аҳолии кӯчидарафта 23,5 ҳазор нафарро ташкил намуданд. Нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта шумораи аҳолии кӯчидаомада 0,3 фоиз зиёд ва шумораи аҳолии кӯчидарафта дар сатҳи соли гузашта қарор дорад.

Муҳоҷирати аҳолӣ дар солҳои 2025-2026

Зиёдшавии шумораи умумии муҳоҷирон дар вилояти Хатлон шумораи умумии муҳоҷирон 4,6 фоиз (21,4 ҳазор нафар) ва дар ВМКБ 30,8 фоиз (1,4 ҳазор нафар) ро ташкил додааст.

Камшавии шумораи умумии муҳоҷирон дар шаҳри Душанбе 30,2 фоиз (1,9 ҳазор нафар), дар вилояти Суғд 1,3 фоиз (9,6 ҳазор нафар) ва дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 3,8 фоиз (6,7 ҳазор нафар)-ро ташкил додааст.

Шумораи умумии муҳоҷирати аҳолӣ дар деҳот дар моҳҳои январ-сентябри соли 2026 нисбат ба ҳамин давраи соли 2025-ум 3,8 фоиз зиёд шуда, 26,1 ҳазор нафар ва дар шаҳрҳо 5,8 фоиз кам шуда, 14,7 ҳазор нафарро ташкил додааст. Ҳиссаи муҳоҷирони шаҳрӣ нисбат ба шумораи умумии муҳоҷирон 36,1 фоизро ташкил дод (дар моҳҳои январ-сентябри соли 2025-ум 38,3 фоизро ташкил медод), ҳиссаи муҳоҷирони деҳот бошад, 63,9 фоизро ташкил дод (дар моҳҳои январ-сентябри соли 2025-ум 61,7 фоиз)-ро ташкил медод.

Аз муҳоҷират камшавии аҳолӣ дар ҷумҳурӣ (шумораи муҳоҷирони кӯчидаомада тарҳи муҳоҷирони кӯчидарафта) дар моҳҳои январ - сентябри соли 2026 нисбат ба ҳамин давраи соли 2025-ум 0,6 фоиз зиёд шуда, -6155 нафарро ташкил додааст.


Муҳоҷирати хориҷӣ ва дохилии бебозгашт (бо иваз кардани ҷои истиқомат) дар моҳҳои январ - сентябри солҳои 2025-2026 (нафар)

	с.2025			2026		
	шумораи аҳолии кӯчида-омада	*шумо раи аҳолии кӯчида-рафта*	*аз муҳоҷират кам шудан(-) ва афзудани аҳолӣ (+)*	*шумораи аҳолии кӯчида-омада*	*шумораи аҳолии кӯчида-рафта*	*аз муҳоҷи-рат кам шудан(-) ва афзудани аҳолӣ (+)*
Ҷумҳурии Тоҷикистон	**17311**	**23505**	**-6194**	**17361**	**23516**	**-6155**
шаҳр	7122	8524	-1402	6966	7776	-810
деҳот	10189	14981	-4792	10395	15740	-5345
ВМКБ	**346**	**707**	**-361**	**399**	**978**	**-579**
шаҳр	56	94	-38	113	182	-69
деҳот	290	613	-323	286	796	-510
Вилояти Суғд	**4178**	**5550**	**-1372**	**4071**	**5527**	**-1456**
шаҳр	2122	2127	-5	2349	2069	280
деҳот	2056	3423	-1367	1722	3458	-1736
Вилояти Хатлон	**8579**	**11833**	**-3254**	**9189**	**12162**	**-2973**
шаҳр	2894	4333	-1439	2947	3881	-934
деҳот	5685	7500	-1815	6242	8281	-2039
ш. Душанбе	**1509**	**1150**	**359**	**887**	**968**	**-81**
НТҶ	**2699**	**4265**	**-1566**	**2815**	**3881**	**-1066**
шаҳр	541	820	-279	670	676	-6
деҳот	2158	3445	-1287	2145	3205	-1060


5.2. ТАНДУРУСТӢ
Ба бемориҳои сирояткунандаи ҷудогона гирифтор шудани аҳолӣ дар моҳҳои январ – сентябри соли 2026 (аз рӯи маълумоти Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон)

Дар моҳҳои январ - сентябри соли 2026 аз рӯи маълумотҳои омори ҷорӣ 24109 ҳодисаи ба бемориҳои сирояткунанда гирифтор шудани аҳолӣ ба қайд гирифта шудааст, ки нисбат ба моҳҳои январ - сентябри соли 2025-ум 9,9 фоиз кам аст. Ба ҳиссаи гепатитҳои шадиди вирусӣ 13,0 фоизи бемориҳо рост меояд, бемориҳои сирояткунандаи шадиди рӯда 50,9 фоизи шумораи умумии бемориҳои сирояткунандаро ташкил медиҳанд.

Сохтори бемориҳои сироятӣ дар моҳҳои январ - сентябри соли 2026



Беморшавии аҳолӣ бо бемориҳои сироятӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон




Маълумоти вазъи эпидемиологии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар моҳҳои январ - сентябри соли 2026-ум аз рӯи баъзе бемориҳои сирояткунанда ва паразитарӣ дар ҷадвали зер оварда шудааст:

	сентябри		*сентябри с.2026 ба ҳисоби фоиз нисбат ба сентябри с.2025*	*январ-сентябри*		*январ-сентябри с.2026ба ҳисоби фоиз нисбат январ-сентябри с.2025*
	с.2025	*с.2026*		*с.2025*	*с.2026*	
Ҳамагӣ	**3237**	**3378**	**104,4**	**26764**	**24109**	**90,1**
бемории рӯда						
бемории шадиди рӯда	2211	2304	104,2	14192	12267	86,4
аз он ҷумла:						
исҳоли хунини бактериалӣ	13	6	46,2	59	37	62,7
гепатитҳои вирусӣ						
гепатитҳои шадиди вирусӣ	319	443	138,9	2689	3146	117,,0
аз он ҷумла:						
гепатити А	318	439	138,1	2665	3114	116,8
гепатити В	-	2	-	19	22	115,8
гепатити С	1	2	2,0 бар.	5	10	2,0 бар.
гепатити Е	-	-	-	-	-	-
гепатити музмин	9	11	122,2	121	175	144,6
бемориҳои сирояткунанда, ки ба воситаи ваксина муолиҷа карда мешаванд						
сулфакабӯтак	13	84	6,5 бар.	307	525	1,7 бар.
сурхча	13	-	-	1607	612	38,1
паротити эпидемӣ	13	3	23,1	102	72	70,6
обакон	133	128	96,2	2084	2191	105,1
бемориҳои «носозгориҳои иҷтимоӣ»						
бемориҳои сил (бори аввал ошкоршуда)	267	203	76,0	2890	2469	85,4
оташак	25	15	60,0	186	190	102,2
сирояти гонококкӣ	-	-	-	13	25	1,9 бар.
педикулёз	-	-	-	2	2	100,0
бемориҳои паразитарӣ						
Ҳамагӣ	**3490**	**3393**	**97,2**	**28407**	**31207**	**109,9**
аз он ҷумла:						
лямблиоз - бемории талхадон	781	912	116,8	7108	8058	113,4
аскаридоз - бемории кирми меъда (киҷҷа)	1608	1375	85,5	11178	12797	114,5
трихосефалёз – бемории киҷҷа	-	-	-	-	2	-
энтерибиоз-беморие, ки аз асари киҷҷаҳои мӯяк ба вуҷуд меояд	758	811	107,0	6999	7569	108,1
геминолепидоз	303	255	84,2	2548	2193	86,1

Дар моҳҳои январ - сентябри соли 2026-ум 31207 ҳодисаи ба бемориҳои паразитарӣ гирифтор шудани аҳолӣ ба қайд гирифта шудааст, ки нисбат ба моҳҳои январ - сентябри соли 2025 -ум 9,9 фоиз зиёд аст.

Беморшавии аҳолӣ ба бемориҳои паразитарӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон



5.3. ПАРДОХТИ НАФАҚА ВА ЁРДАМПУЛӢ

Мувофиқи маълумоти «Амонатбонк»-и Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағи аз Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронидашуда дар моҳҳои январ - октябри соли 2026-ум 4702,8 млн. сомониро ташкил додааст. Маблағи ба нафақа ва ёрдампулӣ пардохташуда дар моҳҳои январ - октябри соли 2026 бо назардошти бақияи аввали сол (15,5 млн. сомонӣ) 4491,9 млн. сомониро ташкил кардааст. Шумораи нафақахӯрон то 01.11.с.2026-ум 902174 нафарро ташкил медиҳад.

Оид ба пардохти нафақаю ёрдампулӣ аз ҳисоби маблағи Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муассисаҳои «Амонатбонк» дар моҳҳои январ - октябри соли 2026 дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷадвали зер маълумот оварда мешавад:

млн.сомонӣ

	Маблағгузаронӣ аз тарафи Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа			*Пардохти нафақаю ёрдампулии муассисаҳои «Амонатбонк»*		
	январ - октябри		*январ - октябри с.2026 баҳисоби фоиз нисбат ба январ - октябри с.2025*	*январ - октябри*		*январ - октябри с.2026баҳисоби фоиз нисбат ба январ - октябри с.2025*
	с.2025	*с.2026*		*с.2025*	*с.2026*	
Ҳамагӣ дар ҷумҳурӣ	**4119,9**	**4702,8**	**114,1**	**4006,3**	**4491,9**	**112,1**
ВМКБ	191,6	211,0	110,1	189,8	199,3	105,0
Вилояти Суғд	1215,8	1402,0	115,3	1151,1	1354,7	117,7
Вилояти Хатлон	1345,9	1635,2	121,5	1314,5	1558,4	118,6
ш. Душанбе	520,2	598,1	115,0	513,3	588,3	114,6
НТҶ	846,4	856,5	101,2	837,6	791,2	94,5

Тақсимоти маблағи пардохти нафақа ва ёрдампулӣ дар моҳи октябри соли 2026 дар ҷадвали зер оварда шудааст:

млн.сомонӣ

	Шахсоне, ки нафақаю ёрдампулӣ гирифтанд, нафар	*Маблағи пардохт-шуда*	*Ба ҳисоби фоиз нисбат ба маблағи умумӣ*
- Ҳамагӣ	**1170494**	**692,1**	**100,0**
аз он ҷумла:			
-нафақаи моҳи ҷорӣ	473040	297,0	43,0
-ёрдампулӣ барои дафн	1593	1,6	0,2
-бозҳисобии нафақа	-	-	-
- андухти нафақави	14331	2,3	0,3
-пардохти нафақаи моҳҳои гузаштаи соли 2026	681530	391,2	56,5


5.4. ҶИНОЯТКОРӢ
(аз рӯи маълумоти ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон)

Дар моҳҳои январ - октябри соли 2026-ум 18351 ҷиноят ба қайд гирифта шудааст, аз он ҷумла 15449 ҷиноятро Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Прокуратура ба қайд гирифтаанд, ки 84,2 фоизи шумораи умумии ҷиноятҳои ба қайд гирифташударо ташкил медиҳад. Дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ 2902 ҷиноят ё 15,8 фоизи шумораи умумии ҷиноятро ба қайд гирифтаанд.

Маълумот оид ба вазъи ҷинояткорӣ дар моҳҳои январ - октябри соли 2026 чунин аст:

	октябри		*октябри с.2026 ба ҳисоби фоиз нисбат ба октябри с.2025*	*январ - октябри*		*январ - октябри с.2026ба ҳисоби фоиз нисбат ба январ - октябри с.2025*
	с.2025	*с.2026*		*с.2025*	*с.2026*	
Ҷиноятҳои ба қайд гирифташуда - ҳамагӣ	**1357**	**1630**	**120,1**	**19952**	**18351**	**92,0**
аз ҷумла:						
ҷинояти вазнин	334	449	134,4	4718	4363	**92,5**
куштор ва сӯиқасд ба он	13	-	-	61	58	95,1
қасдан расонидани зарари вазнин ба саломатӣ	4	9	2,2бар.	103	100	97,1
таҷовуз ба номус ва сӯиқасд ба он	6	1	16,7	41	29	70,7
дуздӣ	267	308	115,4	3406	3259	95,7
аз ҷумла дуздидани амволи хона	35	16	45,7	447	339	75,8
ғоратгарӣ	6	7	116,7	96	77	80,2
роҳзанӣ	-	-	-	25	28	112,0
қаллобӣ	215	276	128,4	3389	3070	90,6
авбошӣ	106	116	109,4	1290	1210	93,8
тасарруфи силоҳи оташфишон, лавозимоти ҷангӣ, воситаҳои таркиш	-	-	-	9	1	11,1
ҷиноятҳои вобаста ба маводи мухаддир	43	76	1,8 бар.	790	854	108,1
одамрабоӣ	-	2	-	6	9	1,5 бар.
савдои одамон	-	-	-	48	17	35,4
вайрон кардани қоидаҳои бехатарии ҳаракати роҳҳо, ҳамагӣ	99	125	126,3	1118	1216	108,8
аз ҷумла бо ҷароҳати сахт ва марги ҷабрдида анҷомидааст	38	63	1,6 бар.	501	563	112,4
Ҷиноятҳои иқтисодӣ - ҳамагӣ	**135**	**262**	**1,9 бар**	**2905**	**2525**	**86,9**
аз ҷумла:						
порахӯрӣ	1	3	3,0 бар.	78	74	94,9

Шумораи ҷиноятҳои вазнини ба қайд гирифташуда, дуздӣ ва ҷиноятҳои вобаста ба маводи мухаддир




Дар моҳҳои январ - октябри соли 2026 умуман дар ҷумҳурӣ шумораи ҷиноятҳои ба қайд гирифташуда 8,0 фоиз, дар вилояти Хатлон 3,5 фоиз, дар ш.Душанбе 1,6 фоиз, дар вилояти Суғд 12,9 фоиз, дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 14,0 фоиз ва дар ВМКБ 8,9 фоиз кам шудааст.

Дар минтақаҳо бақайдгирии ҷиноятҳо аз рӯи ҳама гуна хадамот дар ҷадвали зер оварда шудааст:

	ҷиноятҳо ба қайд гирифташудаанд, ҳодиса			*фоизи ҷиноятҳои ошкоршуда*	
	январ - октябри		*январ - октябри с.2026ба ҳисоби фоиз нисбат ба январ - октябри с.2025*	*январ – октябри*	
	с.2025	*с.2026*		*с.2025*	*с.2026*
Ҷумҳурии Тоҷикистон	**19952**	**18351**	**92,0**	**74,9**	**74,3**
ВМКБ	616	561	91,1	67,1	85,5
Вилояти Суғд	6210	5409	87,1	86,4	86,0
Вилояти Хатлон	5593	5398	96,5	86,5	85,5
ш. Душанбе	3748	3689	98,4	58,2	84,8
Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ	3552	3053	86,0	63,6	67,6
ш. Роғун	94	87	92,6	66,3	73,0
ноҳияи Варзоб	118	91	77,1	46,1	45,0
ноҳияи Рашт	236	240	101,7	79,4	89,0
ш. Ҳисор	440	425	96,6	64,2	61,4
ноҳияи Нуробод	87	70	80,5	62,2	93,2
ноҳияи Лахш	69	66	95,7	89,0	94,0
ш. Вахдат	912	577	63,3	54,9	56,6
ноҳияи Рӯдакӣ	679	634	93,4	61,6	60,2
ноҳияи Сангвор	35	39	111,4	91,4	95,1
ноҳияи Тоҷикобод	50	53	106,0	79,7	90,9
ш. Турсунзода	542	449	82,8	68,9	61,4
ноҳияи Файзобод	91	110	120,9	54,9	70,3
ноҳияи Шаҳринав	199	212	106,5	79,3	79,4
РВКДН[1]	233	241	103,4	78,8	71,6

[1)] Раёсати Вазорати корҳои дохилӣ дар нақлиёт

Таносуби ҷиноятҳои ба қайд гирифташуда дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар моҳҳои январ - октябри соли 2026, ба ҳисоби фоиз



Дар моҳҳои январ - октябри соли 2026-ум 4363 ҷинояти вазнин ба қайд гирифта шудааст, ки нисбат ба моҳҳои январ - октябри соли 2025-ум 7,5 фоиз кам шудааст.

Нисбат ба моҳҳои январ - октябри соли 2025 бақайдгирии ҳодисаҳои куштор ва сӯиқасд ба он 4,9 фоиз, қасдан расонидани зарари вазнин ба саломатӣ 2,9 фоиз, таҷовуз ба номус ва сӯиқасд ба он 29,3 фоиз,қаллобӣ 9,4 фоиз ва авбошӣ 6,2 фоиз кам шудааст.

Нисбат ба моҳҳои январ - октябри соли 2025 бақайдгирии ҳодисаҳои роҳзанӣ 12,0 фоиз, ҷиноятҳои вобаста ба маводи мухаддир 8,1 фоиз ва вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳҳо 8,8 фоиз зиёд шудааст.

Дар давраи ҳисобот 2525 ҷинояти иқтисодӣ (нисбат ба моҳҳои январ - октябри соли 2025-ум 13,1 фоиз кам шудааст) ба қайд гирифта шудааст, ки мақомоти корҳои дохилӣ 816 ҷиноятро ошкор кардаанд, аз рӯи 771 ҷиноят парвандаи ҷиноятӣ кушода шудааст. Ба ин қабил ҷиноятҳои порахӯрӣ, дуздӣ, дуздии ҳаҷман калон ва дигарҳо дохил мешаванд.

Дар моҳҳои январ - октябри соли 2026-ум 563 ҳодисаи вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳҳо, ки оқибат бо ҷароҳати сахт ва марги ҷабрдида анҷомидаанд ба қайд гирифта шуданд (нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 12,4 фоиз зиёд шудааст).

Ошкоркунии умумии ҷиноятҳо дар моҳҳои январ - октябри соли 2026-ум 74,3 фоизро ташкил кардааст, дар моҳҳои январ - октябри соли 2025 -ум 74,9 фоиз буд.

5.5. САЙЁҲӢ


Дар моҳҳои январ – сентябри соли 2026 шумораи шаҳрвандони хориҷие, ки ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ташриф овардаанд, бо назардошти ҳама намуди мақсадҳои сафар (хизматӣ, истироҳатӣ ва ғайра) 1726,3 ҳаз.нафарро ташкил намуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 206,8 ҳазор нафар ё 13,6 фоиз зиёд шудааст.

Аз шумораи умумии шаҳрвандони хориҷие, ки ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ташриф овардаанд, 1551,2 нафарашон ба ҳайси сайёҳ (тибқи методологияи Созмони Умумиҷаҳонии Сайёҳӣ) арзёбӣ мегарданд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 23,0 фоиз ва ё 290,4 ҳазор нафар зиёд мебошанд.


Шумораи шаҳрвандони хориҷие, ки ба Ҷумҳурии Тоҷикистон аз давлатҳои ИДМ ворид шудаанд 1556,2 ҳазор нафар (90,1 фоиз аз шумораи умумӣ), аз он 1397,0 ҳазор нафар ба ҳайси сайёҳ ва аз давлатҳои хориҷи дур 170,1 ҳазор нафар (мутаносибан 9,9 фоиз аз шумораи умумӣ), аз он 154,2 ҳазор нафар ба ҳайси сайёҳ.

Дар ин давра шумораи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз ҷумҳурӣ хуруҷ шудаанд, 2857,0 ҳаз. нафарро ташкил намуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 38,3 ҳазор нафар ё 1,4 фоиз зиёд мебошад.

Динамикаи шумораи шаҳрвандони хориҷие, ки ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ташриф овардаанд ва шаҳрвандони Тоҷикистон, ки ба хориҷ сафар намудаанд
(ҳаз. нафар)



Динамикаи шаҳрвандони хориҷии вурудшуда, ҳаз. нафар



Шумораи шаҳрвандоне, ки ба Ҷумҳурии Тоҷикистон аз мамлакатҳои хориҷи наздик ворид шудаанд, дар моҳҳои январ - сентябри соли 2026



Миқдори зиёди шаҳрвандони хориҷии ба ҷумҳурии мо воридшуда, аз давлатҳои ҳамсояи зерин мебошанд: Ӯзбекистон – 842,5 ё 48,8 фоиз аз шумораи умумии воридшудагон), Русия – 513,1 ҳазор нафар (ё 29,7 фоиз), Қирғизистон – 150,4 ҳазор нафар (8,8 фоиз), Қазоқистон – 36,4 ҳазор нафар (ё 2,1 фоиз), Туркманистон – 5,0 ҳазор нафар (ё 0,3 фоиз).


Арманистон – 0,3 ҳазор нафар


Белорус – 2,2 ҳазор нафар


Молдова – 1,6 ҳазор нафар


Озарбойҷон – 1,7 ҳазор нафар


Қазоқистон –36,4 ҳазор нафар


Қирғизистон–150,4 ҳазор нафар


Украина – 2,8 ҳазор нафар


Ӯзбекистон – 842,5 ҳазор нафар


Русия – 513,1 ҳазор нафар


Туркманистон – 5,0 ҳазор нафар

Шумораи шаҳрвандоне, ки ба Ҷумҳурии Тоҷикистон аз мамлакатҳои хориҷи дур ворид шудаанд, дар моҳҳои январ – сентябри соли 2026

Микдори зиёди воридшудагон аз давлатҳои зерини хориҷи дур мебошанд, ба мисоли Чин – 49,6 ҳазор нафар (2,9 фоиз аз шумораи умумии шаҳрвандони хориҷии воридшуда), Афғонистон - 19,7 ҳазор нафар (ё 1,1 фоиз), ИМА - 12,8 ҳазор нафар (ё 0,7 фоиз), Олмон – 8,4 ҳазор нафар (ё 0,5 фоиз), Эрон – 8,3 ҳазор нафар (ё 0,5 фоиз), Туркия - 5,6 ҳазор нафар (ё 0,3 фоиз), Ҳиндустон ва Ҷопон - 4,3 ҳазор нафарӣ (ё 0,2 фоизӣ), Италия - 4,2 ҳазор нафар (ё 0,2 фоиз), Фаронса – 3,9 ҳазор нафар (ё 0,2 фоиз), Австралия – 3,5 ҳазор нафар (ё 0,2 фоиз), Покистон – 3,4 ҳазор нафар (ё 0,2 фоиз), Полша – 3,3 ҳазор нафар (ё 0,2 фоиз), Британияи Кабир – 3,2 ҳазор нафар (ё 0,2 фоиз), Ҷумҳурии Корея – 2,9 ҳазор нафар (ё 0,2 фоиз), Канада – 2,5 ҳазор нафар (ё 0,1 фоиз), Нидерланд – 2,1 ҳазор нафар (ё 0,1 фоиз), Индонезия -1,6 ҳазор нафар (ё 0,1 фоиз), Малайзия – 1,5 ҳазор нафар (ё 0,1 фоиз), Швейтсария, Испания ва Филиппин – 1,3 ҳазор нафарӣ (ё 0,1 фоизӣ), Ҷумҳурии Чехия, Белгия ва Австрия – 1,0 ҳазор нафарӣ (0,1 фоизӣ).

ФАЪОЛИЯТИ СУБЪЕКТҲОИ ХИЗМАТРАСОНӢ ДАР СОҲАИ САЙЁҲӢ

Дар моҳҳои январ – сентябри соли 2026 дар миқёси мамлакат 192 ширкатҳои сайёҳии бақайдгирифта мавҷуданд.

Дар моҳҳои январ – сентябри соли 2026 дар ҷумҳурӣ 225 меҳмонхона (бо назардошти шахсони воқеӣ), 9 меҳмонхонаи 5 ситорадор, 31 меҳмонхонаи 4 ситорадор, 20 меҳмонхонаи 3 ситорадор, 6 меҳмонхонаи 2 ситорадор, 17 меҳмонхонаи 1 ситорадор ва 142 меҳмонхонаи бедараҷа фаъолият кардаанд.

Дар давраи ҳисобот 53 адад хостелҳо ва мотелҳо,60 адад осоишгоҳҳо, 4 адад осоишгоҳҳои кӯдакона ва лагерҳои солимгардонӣ, 5 адад марказҳои муолиҷавӣ ва дармонгоҳҳои солимгардонӣ, 9 адад хонаҳои истироҳатӣ, ва 5 адад базаҳои сайёҳӣ ва истироҳатӣ фаъолият намуданд.

Шумораи миёнаи кормандони субъектҳои хизматрасонӣ 4560 нафар ва даромад аз пешниҳоди хизматрасонӣ дар ин давра 976335,3 ҳазор сомониро ташкил додааст.

Директори Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон **Ҷ. Нурмаҳмадзода**
13.11. с.2026

МУҚОИСАИ БАЙНАЛХАЛҚИИ НИШОНДИҲАНДАҲОИ АСОСИИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДИИ МАМЛАКАТҲОИ ИДМ

(аз рӯи маълумоти Кумитаи байнидавлатии омори мамлакатҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил)

Нишондиҳандаҳои таъҷилии омории мамлакатҳои ИДМ дар моҳи сентябри соли 2026 (ба ҳисоби фоиз нисбат ба моҳи гузашта; бо нархҳои доимӣ;
аз рӯи маълумоти мақомотҳои омори миллӣ)

	Озар-бойҷон	*Арманистон*	*Беларус*	*Қазоқистон*	*Қирғизистон*
Ҳаҷми умумии маҳсулоти саноатӣ	96,6	104,2	106,5	102,9	111,7
Индекси нархҳои истеҳсолкунандагони маҳсулоти саноатӣ	116,6	100,5	100,6	101,0	108,2
бо % нисбат ба августи с. 2025	150,3	108,6	105,0	106,4	124,0
бо % нисбат ба декабри с. 2025	157,9	105,3	104,7	106,7	111,6
Инвеститсия дар сармояи асосӣ	126,5	108,5	112,4	125,7	143,7
Боркашонӣ бо нақлиёти роҳи оҳани истифодаи умум	101,6	100,1	…	…	…
Гардиши моли чакана дар ҳамаи соҳаҳои савдо	109,5	99,2	92,7	104,7	106,6
Аз он ҷумла ташкилотҳои савдо	114,2	99,3	92,5	97,3	105,3
Индекси нархҳои истеъмолӣ	100,9	100,2	100,5	100,6	100,5
бо % нисбат ба августи с. 2025	105,5	104,3	104,6	109,3	112,2
бо % нисбат ба декабри с. 2025	103,8	102,2	103,6	107,0	108,2
Даромади пулии аҳолӣ (бо нархҳои аслӣ)	106,2[2)]	…	…	…	…
Хароҷоти пулии аҳолӣ барои хариди молҳои истеъмолӣ ва хизматрасонӣ (бо нархҳои аслӣ)	108,2[2)]	…	…	…	…
Даромади аслии пулии дар ихтиёр доштаи аҳолӣ	105,6[2)]	…	…	…	…
Музди миёнаи номиналии ҳармоҳаи кормандоне, ки дар иқтисодиёт кор мекунанд	96,3[1)]	98,3	98,8	…	93,1[1)]
Шумораи умумии бекорон аз рӯи маълумоти таҳқиқоти қувваи корӣ	…	…	…	…	…
Шумораи умумии бекорони расман ба қайд гирифташуда (дар охири давра)	101,4	…	94,0	96,9	94,7
Содирот-ҳамагӣ (бо нархҳои аслӣ)	82,4[1)]	95,1	92,8[1)]	93,0[1)]	105,3[1)]
аз он ҷумла:					
Ба мамолики ИДМ	80,7	98,2	90,1	…	71,1
Ба мамолики ғайри ИДМ	82,5	93,0	101,2	…	121,2
Воридот- ҳамагӣ (бо нархҳои аслӣ)	100,2[1)]	98,3	96,2[1)]	102,5[1)]	93,1[1)]
аз он ҷумла:					
Аз мамолики ИДМ	92,7	88,2	98,9	…	91,8
Аз мамолики ғайри ИДМ	102,4	101,3	92,6	…	94,1

	Молдова	*Русия*	*Тоҷикистон*	*Туркманистон*	*Ӯзбекистон*
Ҳаҷми умумии маҳсулоти саноатӣ	87,6[1)]	103,9	132,4	…	…
Индекси нархҳои истеҳсолкунандагони маҳсулоти саноатӣ	100,0	102,5	99,7	…	…
бо % нисбат ба августи с. 2025	100,3	108,6	99,7	…	…
бо % нисбат ба декабри с. 2025	100,7	110,5	97,8	…	…
Инвеститсия дар сармояи асосӣ	…	…	62,8	…	…
Боркашонӣ бо нақлиёти роҳи оҳани истифодаи умум	…	97,0	…	…	…
Гардиши моли чакана дар ҳамаи соҳаҳои савдо	…	96,0	96,9	…	…
Аз он ҷумла ташкилотҳои савдо	…	95,9	87,9	…	…
Индекси нархҳои истеъмолӣ	101,7	100,4	100,1	…	100,7
бо % нисбат ба августи с. 2025	108,6	106,4	104,1	…	106,4
бо % нисбат ба декабри с. 2025	106,6	105,0	102,8	…	104,2
Даромади пулии аҳолӣ (бо нархҳои аслӣ)	…	…	…	…	…
Харочоти пулии аҳолӣ барои хариди молҳои истеъмолӣ ва хизматрасонӣ (бо нархҳои аслӣ)	…	…	…	…	…
Даромади аслии пулии дар ихтиёр доштаи аҳолӣ	…	…	…	…	…
Музди миёнаи номиналии ҳармоҳаи кормандоне, ки дар иқтисодиёт кор мекунанд	…	93,8[1)]	100,9[1)]	…	…
Шумораи умумии бекорон аз рӯи маълумоти таҳқиқоти қувваи корӣ	…	100,1	…	…	…
Шумораи умумии бекорони расман ба қайд гирифташуда (дар охири давра)	101,1	93,2	100,3[1)]	…	…
Содирот-ҳамагӣ (бо нархҳои аслӣ)	85,1[1)]	…	101,4[3)]	…	…
аз он ҷумла:				…	…
ба мамолики ИДМ	58,2[4)]	…	99,1	…	…
ба мамолики ғайри ИДМ	87,3[5)]	…	102,3	…	…
Воридот-ҳамагӣ (бо нархҳои аслӣ)	96,8[1)]	…	131,4[3)]	…	…
аз он ҷумла:				…	…
аз мамолики ИДМ	84,5[4)]	…	99,7	…	…
аз мамолики ғайри ИДМ	97,1[5)]	…	162,4	…	…

[1)] Августи соли 2026 нисбат ба июли соли 2026.
[2)] Аз рӯи методологияи СҲМ.
[3)] Сентябри соли 2026 нисбат ба сентябри соли 2025.
[4)] Аз соли 2024 – бе маълумотҳои Украина.
[5)] Аз соли 2024 – бо нардошти маълумотҳои Украина.
* Баҳо.
Эзоҳ: Аз декабри соли 2022 Кумитаи байнидавлатии омори ИДМ маълумотҳоро аз рӯи Украина надорад.

Нишондиҳандаҳои таъҷилии омории мамлакатҳои ИДМ
дар моҳҳои январ-сентябри соли 2026

(ба ҳисоби фоиз нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта; бо нархҳои доимӣ; аз рӯи маълумоти мақомотҳои омори миллӣ)

	Озарбойҷон	*Арманистон*	*Беларус*	*Қазоқистон*	*Қирғизистон*
Маҳсулоти умумии дохилӣ	101,5	106,0[1)]	102,0	104,1[1)]	110,8
Ҳаҷми умумии маҳсулоти саноатӣ	99,2	105,8	100,5	102,9	107,0
Индекси нархҳои истеҳсолкунандагони маҳсулоти саноатӣ	124,7	108,8	104,7	109,2	126,4
Инвеститсия дар сармояи асосӣ	110,9	124,9	102,1	107,0	168,5
Боркашонӣ бо нақлиёти роҳи оҳани истифодаи умум	111,0	122,9	…	98,6	106,6
Гардиши моли чакана дар ҳамаи соҳаҳои савдо	103,8	105,6	108,7	104,5	112,8
Аз он ҷумла ташкилотҳои савдо	100,7	105,1	109,2	102,1	117,8
Индекси нархҳои истеъмолӣ	105,7	104,5	105,0	110,6	111,0
Даромади пулии аҳолӣ (бо нархҳои аслӣ)	109,6[4)]	…	113,9[3)]	…	…
Хароҷоти пулии аҳолӣ барои хариди молҳои истеъмолӣ ва хизматрасонӣ (бо нархҳои аслӣ)	111,6[4)]	…	…	…	…
Даромади аслии пулии дар ихтиёр доштаи аҳолӣ	103,7[4)]	…	108,2[3)]	…	…
Музди миёнаи номиналии ҳармоҳаи кормандоне, ки дар иқтисодиёт кор мекунанд	107,2[3)]	105,8	113,1	110,3[1)]	128,7[3)]
Шумораи умумии бекорон аз рӯи маълумоти таҳқиқоти қувваи корӣ	…	…	81,2	…	…
Шумораи умумии бекорони расман ба қайд гирифташуда (дар охири давра)	106,3	…	71,6	99,0	82,0
Содирот-ҳамагӣ (бо нархҳои аслӣ)	136,2[3)]	91,0	122,4[3)]	119,5[3)]	119,5[3)]
аз он ҷумла:					
Ба мамолики ИДМ	113,4	92,2	122,6	109,5	97,8
Ба мамолики ғайри ИДМ	137,9	91,8	122,0	122,0	148,7
Воридот- ҳамагӣ (бо нархҳои аслӣ)	75,9[3)]	109,5	119,7[3)]	104,5[3)]	111,9[3)]
аз он ҷумла:					
Аз мамолики ИДМ	61,5	80,0	120,8	110,6	114,3
Аз мамолики ғайри ИДМ	80,8	124,9	118,0	101,2	110,2

	Молдова	*Русия*	*Тоҷикистон*	*Туркманистон*	*Узбекистон*
Маҳсулоти умумии дохилӣ	100,6[1)]	100,6[1)]	108,3[2)]	106,3	108,3
Ҳаҷми умумии маҳсулоти саноатӣ	106,7[3)]	100,2	113,7	…	108,1
Индекси нархҳои истеҳсолкунандагони маҳсулоти саноатӣ	100,8	103,8	101,6	…	…
Инвеститсия дар сармояи асосӣ	105,2[1)]	90,1[1)]	144,9	…	120,1
Боркашонӣ бо нақлиёти роҳи оҳани истифодаи умум	123,2[1)]	99,3	106,4	…	105,1
Гардиши моли чакана дар ҳамаи соҳаҳои савдо	…	105,0	132,3	…	119,7
Аз он ҷумла ташкилотҳои савдо	…	105,2	116,0	…	…
Индекси нархҳои истеъмолӣ	106,4	105,9	103,9	…	…
Даромади пулии аҳолӣ (бо нархҳои аслӣ)	…	108,6*	…	…	…
Хароҷоти пулии аҳолӣ барои хариди молҳои истеъмолӣ ва хизматрасонӣ (бо нархҳои аслӣ)	…	113,9*	…	…	…
Даромади аслии пулии дар ихтиёр доштаи аҳолӣ	…	103,0*	…	…	…
Музди миёнаи номиналии ҳармоҳаи кормандоне, ки дар иқтисодиёт кор мекунанд	109,5[1)]	112,0[3)]	120,2[3)]	…	118,0
Шумораи умумии бекорон аз рӯи маълумоти таҳқиқоти қувваи корӣ	…	100,3[5)]	…	…	…
Шумораи умумии бекорони расман ба қайд гирифташуда (дар охири давра)	131,3	97,9[5)]	110,1[3)]	…	…
Содирот-ҳамагӣ (бо нархҳои аслӣ)	114,2[3)]	114,2[3)]	118,4	…	82,9[3)]
аз он ҷумла:					
ба мамолики ИДМ	115,9[6)]	…	115,3	…	121,6
ба мамолики ғайри ИДМ	114,0[7)]	…	119,2	…	71,1
Воридот-ҳамагӣ (бо нархҳои аслӣ)	112,1[3)]	113,1[3)]	140,8	…	116,6[3)]
аз он ҷумла:					
аз мамолики ИДМ	105,3[6)]	…	121,6	…	114,1
аз мамолики ғайри ИДМ	112,3[7)]	…	160,3	…	117,9

1. январ – июни соли 2026 нисбат ба январ – июни соли 2025.
2. Нишондиҳандаи кӯтоҳмуддати рушди соҳаҳои асосии иқтисодиёт.
3. Январ – августи соли 2026 нисбат ба январ –августи соли 2025.
4. Мутобиқи методологияи Низоми ҳисобҳои миллӣ (НҲМ).
5. Семоҳаи II соли 2026 нисбат ба семоҳаи II соли 2025.
6. Аз соли 2024 – бе назардошти маълумот оид ба Украина.
7. Аз соли 2024 – бо дарназардошти маълумот оид ба Украина.

* Баҳо.

Эзоҳ: Маълумот оид ба Туркманистон аз сомонаҳои ташкилотҳои давлатии ин кишвар гирифта шудааст. Аз моҳи декабри соли 2022 Кумитаи омори ИДМ оид ба Украина маълумот дар ихтиёр надорад

ШАРҲИ МУХТАСАРИ МЕТОДОЛОГӢ

Гузориши ҳармоҳаи омории «Вазъи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар асоси маводҳои ҷамъбастии ҳисоботи омории давлатӣ гирифташудааст ва он дар Барномаи корҳои оморӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 декабри соли 2025, №693 тасдиқ гардидааст, пешбинӣ шудааст, ҳамчунин гузориши таҳлилии мазкур дар асоси маводҳои таҳқиқоту пурсишҳои гузаронидаи мақомоти омор ва маълумотҳои дар асоси ҳисоботҳои омории вазорату идораҳои ба мақомоти омор пешниҳодгардида, тартиб дода мешавад.

Гузориш дар асоси таснифоти умумии намудҳои фаъолияти иқтисодӣ (ТУНФИ-2), ки ба таснифоти умумии меъёрии (стандартии) байналхалқӣ мувофиқат мекунад, омода шудааст. Таснифоти умумии намудҳои фаъолияти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон (ТУНФИ-2) мутобиқи зарурати дар амалия қабулкардаи гузариш ба низоми баҳисобгирӣ ва омори байналмиллалӣ таҳия карда шудааст. Солҳои 2011-2018 Таснифоти намуди фаъолияти иқтисодӣ тафсири - 1 истифода шуда буд.

Ҷадвали муқоисавӣ

Сексия	ТУНФИ 1	Сексия	ТУНФИ 2
A	Кишоварзӣ, шикор ва хоҷагии ҷангал	**A**	Кишоварзӣ, хоҷагии ҷангал ва моҳидорӣ
B	Моҳидорӣ		
C	Саноати истихроҷи маъдан	**B**	Саноати истихроҷи маъдан
D	Саноати коркард	**C**	Саноати коркард
E	Истеҳсоли электроэнергия, тақсимоти газ ва об	**D**	Таъмини нерӯи барқ, газ, буғ ва хунуккунии ҳаво
		E	Таъминоти об, тозакунӣ, коркарди партовҳо ва дастрасии коркарди дуюмдараҷа
F	Сохтмон	**F**	Сохтмон
G	Савдои яклухт ва чакана, таъмири нақлиёти автомобилӣ ва мотосикл, таъмири лавозимоти рӯзғор ва шахсӣ	**G**	Савдои яклухт ва чакана, таъмири нақлиёти автомобилӣ ва мототсикл
H	Меҳмонхонаҳо ва тарабхонаҳо	**I**	Меҳмонхонаҳо ва тарабхонаҳо
I	Нақлиёт, анборхонаҳо ва алоқа	**H**	Нақлиёт ва анборхонаҳо
		J	Иттилоот ва алоқа
J	Фаъолияти молиявӣ ва суғурта	**K**	Фаъолияти молиявӣ ва суғурта
K	Амалиёт бо амволи ғайриманқул иҷора ва хизматрасонӣ, аренда и дигар намудҳои хизматрасонии тиҷоратӣ	**L**	Амалиёт бо амволи ғайриманқул
		M	Фаъолияти касбӣ, илмӣ ва техникӣ
		N	Фаъолият оид ба идоракунӣ ва амалигардонии дигар намудҳои хизматрасонӣ
L	Идораи давлатӣ, мудофиа таъмини амният ва суғуртаи иҷтимоӣ	**O**	Идораи давлатӣ, мудофиа таъмини амният ва суғуртаи иҷтимоӣ
M	Маориф	**P**	Маориф
N	Тандурустӣ ва хизматрасонии иҷтимоӣ	**Q**	Ҳизматрасонии тандурустӣ барои халқ ва хизматрасонии иҷтимоӣ
O	Ҳаргуна хизматрасониҳои коммуналӣ, иҷтимоӣ ва инфиродӣ	R	Фаъолият дар соҳаи санъат, ташкили чорабиниҳои хушдилкунанда ва истироҳат
		S	Дигар хизматрасониҳо
P	Фаъолияти хоҷагиҳои шахсии хонавода	T	Фаъолияти хоҷагиҳои шахсии хонавода *бо истифодаи қувваи кории кироя*; фаъолияти ғайримухталиф (недифференцированная) доир ба истеҳсоли мол ва хизматрасонӣ барои истеъмоли худӣ
Q	Фаъолияти ташкилотҳо ва намояндагиҳои хориҷӣ (экстерриториалӣ)	U	Фаъолияти ташкилотҳо ва намояндагиҳои хориҷӣ (экстерриториалӣ)

Таснифот дар асоси принсипҳои сохти меъёрҳои (стандартҳои) байналмиллалӣ таснифоти соҳавии ҳамаи намудҳои фаъолияти иқтисодӣ (таҳрири сеюм), бо истифодаи гуруҳбандии ҳамаи чор сатҳи Таснифоти Стандартҳои Соҳавии Байналхалқӣ (ТССБ), дар панҷ аломат амиқ намудани онҳо, бо назардошти таҷрибаи методологии истифодаи таснифоти мақомоти омории СММ, Иттиҳоди иқтисодии Аврупо таҳия гардидааст.

Объектҳои таснифот дар ТУНФИ (унсурҳои таснифшавандаи бисёр) ин ҳамаи намудҳои фаъолияти иқтисодии субъектҳои хоҷагидорро, ки аз фаъолияти як соҳа ва бисёрсоҳа иборат мебошанд ва он дараҷаи гуногуни ҷудогонаи хоҷагидориро ба андозаи мустақил тавсиф менамояд, иборат мебошанд.

Намуди фаъолияти иқтисодӣ ҳамчун раванд, ба ҷудо намудани маҷмӯи маҳсулоти якхела (молҳо ва хизматҳо) оварда мерасонад, ки бештар категорияҳои хурдтарни таснифоти намудҳои фаъолиятро тавсиф ва муайян менамояд.

Таснифи намудҳои фаъолияти иқтисодӣ барои таснифоти воҳидҳои гуногун пешбинӣ шудааст: корхона, шуъба, гуруҳҳои корхонаҳо.

Корхона дар худ воҳиди ҳуқуқиеро ифода менамояд, ки тарози (баланс) мустақил дорад, оид ба истеҳсоли молҳо ва хизматҳо як ё якчанд намуди фаъолиятро ба амал мебарорад ва дар суд, арбитраж (ҳакимият) ва ғайраҳо ҳуқуқи ҳимояи манфиати моликиятро дорад.

Шуъба (воҳиди маҳаллӣ) воҳиде мебошад, ки (устохона корхона, (завод), мағоза идораи корӣ, кон (шахта), (амборхона) ва ғайраҳо), дар минтақаи ҷуғрофӣ, дар дигар маҳаллиҳои асосӣ ҷойгир шудаанд, ки дар онҳо як ё якчанд корманд ба ҳисоби худи корхона кор мекунад.

Корхона ва шуъбаҳо намудҳои гуногуни фаъолиятро ба амал мебарорад, онҳо мувофиқи таснифоти намудҳои фаъолият муайян карда мешаванд: дар ин маврид чунин фарқ мекунанд: аз рӯи **фаъолияти асосӣ, намудҳои фаъолиятҳои дуюмдараҷа ва ёрирасон**.

Воҳидҳои оморӣ, мутобиқи қоидаҳои таснифот, ба як мавқеи ягонаи тақсими сатҳи пасттарин (майдатарин) мансубанду тааллуқ доранд. Ба ҳамаи воҳидҳо мувофиқи ТУНФИ рамз дода мешавд, ки фаъолияти иқтисодии онҳоро инъикос менамояд.

Ҳар кадом субъекти хоҷагидор, мувофиқи хусусияти фаъолияти худ, бояд ба фасли дахлдори таснифоти намудҳои фаъолияти иқтисодӣ мансуб дониста шавад.

Бештари воҳидҳои истеҳсолӣ дар амалия якчанд фаъолиятро ба амал мебароранд ва барои ба ин ё он категорияи фаъолият тааллуқ доштани онҳо намуди фаъолияти асосии афзалиятнокро ҷудо кардан зарур аст. Ин маънои онро дорад, ки танҳо як қисми намудҳои фаъолияти корҳона ҷудо карда мешавад ва ин усули ягонаи содда мебошад, ки он имконият медиҳад, ки воҳидҳои оморӣ аз рӯи категорияҳои фаъолият ба тартиб дароварда шаванд.

Фаъолияти асосии воҳидҳои истеҳсолӣ чунин фаъолияте мебошад, ки хаҷми арзиши изофаи он аз арзиши дигар фаъолияте, ки ҳамон воҳид ба амал мебарорад, зиёдтар аст.

Маҳсулоти фаъолияти асосӣ – маҳсулоти асосии вай ё ҳаргуна маҳсулоти дуюмдараҷа (яъне маҳсулоти бо маҳсулоти асосӣ истеҳсол кардашуда) – бояд барои таъмини дигар воҳидҳо коршоям бошад, ҳатто сарфи назар аз он, ки вай метавонад, барои таъсиси сармояи хусусӣ истифода бурда шавад.

Намуди фаъолият барои муайян намудани арзиши изофа дар ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти мол (хизматҳо) меъёр мебошад.

Арзиши иловашуда (бо нархҳои асосӣ) ҳамчун фарқи байни истеҳсоли маҳсулот (кору хизмат) ва истеъмолоти мобайнии маҳсулоти истеҳсоли худӣ (бо нархҳои асосӣ), инчунин маҳсулоти харидашуда (бо нархҳои харидор) муайн карда мешавад.

Ба фурӯш баровардан арзиши маҳсулот (кору хизмат) мебошад.

Истеъмолоти мобайнӣ дар худ арзиши истеъмоли ашёи хом, маводу масолеҳ, молҳо (ба истинои сармояи асосӣ – фарсудашавии фондҳои асосӣ) ва истеъмоли ҳамагуна хизматҳои имконпазири бозорӣ дар давоми давраи муайян бо мақсади истеҳсоли дигар маҳсулот (ё кору хизмат) ифода менамояд.

Истеъмолоти мобайнӣ унсурҳои зеринро дар бар мегирад:

а) Масрафиёти моддӣ (маҳсулот ва хизматҳои моддӣ)

б) Пардохти ҳаққи хизматҳои ғайримоддӣ;

в) Хароҷоти сафарҳои хизматӣ дар қисмати пардохти рафту омад ва хизмати меҳмонхонаҳо

Истеъмолоти мобайнӣ дар бар намегирад:

- Хароҷоти сохтмон ё таъмири асосии бино ё иншоот;
- Хароҷоти ҷории таъмири манзил;
- Молҳо ва хизматҳое, ки корхона ба кормандони худаш ройгон ё бо нархи паст ба сифати музди меҳнат дар шакли асл (натуралӣ) пешниҳод кардааст;
- Кӯмакҳои иҷтимоӣ дар шакли асл (натуралӣ);
- Хароҷоти вобаста ба ҳуқуқи ҷудо кардани замин, сармояи асосӣ ва дороиҳои ғайримоддӣ;
- Иҷорапулӣ барои истифодаи замин;
- Хароҷоти кофтукови геологӣ ва корҳои бармакорӣ, ки ба кашфи конҳои нафт ва ғайраҳо вобастаанд;
- Масрафи сармоявӣ – асосӣ барои беҳтар намудани замин, аз ҷумла корҳои тоза кардану обёрии замин, корҳои самаранок оид ба шинондани дарахтон - ҷангалзор, бунёди боғҳо ва ғайраҳо;
- Арзиши хизматҳои иҷтимоию фарҳангӣ, ки ба кормандон ва оилаҳои онҳо қисматҳои корхона мерасонанд;
- Фарсудашавии фондҳои асосӣ.

Хизматҳои ғайримоддӣ – ин хароҷоти пардохти ҳаққи кору хизматҳое мебошад, ки ташкилотҳои илмию тадқиқотӣ, таҷрибавию конструкторӣ ба амал

мебароранд; пардохтҳои оид ба суғуртаи амволи корхона; пардохти ҳаққи назорати сифати молҳо, маҳсулот ва кор аз рӯи таснифоти маҳсулот; фарсоиши дороиҳои ғайримоддӣ; хароҷоти интихоби муназзаму муташаккили кормандон; пардохти ҳаққи хизмати донишкадаҳои таълимӣ оид ба тарбия, баланд бардоштани тахассус ва бозтайёрии кадрҳо; пардохти ҳаққи хизмати алоқа, хизматрасонии иттилоотию ҳиссобарорӣ, хизмати бонкҳо, хадамоти сӯхторхомӯшкунӣ, посбонону муҳофизон, агентҳои рекламавӣ, ташкилотҳои машваратӣ, иттилоотӣ ва аудиторӣ, хоҷагии комуналӣ, тандурустӣ (барои кори эмгузаронӣ ва бистарӣ намудани беморон), нақлиёти мусофирбар (бурдан (овардан) – и кормандон ба ҷои кор бо нақлиёти махсусгардонидашуда), хизматҳои ҳуқуқӣ (юридикӣ) ба ҳисоб мераванд.

Фаъолияти дуюмдараҷа – фаъолияте мебошад, ки дар воҳиди ҷудогонаи истеҳсолӣ, илова ба фаъолияти асосӣ ва маҳсулоти бо маҳсулоти фаъолияти асосӣ монанд ба амал бароварда мешавад, бояд хориҷ аз доираи воҳиди истеҳсолӣ коршоям, яъне қобили истифода бошад.

Фаъолияти ёрирасон аз рӯи аломати хусусӣ мувофиқи категорияи дахлдор тасниф карда мешавад.

Фаъолияти ёрирасон (бурдан (овардани) бор, дар анборхона ҷо ба ҷо кардан, харид, ҳифзу нигоҳбинӣ ва ғайраҳо), ки ҳангоми муайян намудани фаъолияти асосӣ ба назар гирифта намешавад ва аз рӯи фаъолияти асосии субъекти хоҷагидор ба ҳисоб гирифта мешавад.

Фаъолияти ёрирасон асосан дар савдо, хӯроки умумӣ (ошхонаҳо), нақлиёт ва хизматҳо оид ба амборхонаҳо ва хизматҳое, ки корхонаҳо (идораҳои корхонаҳо дар навбати аввал) мерасонанд, вомехӯрад.

МАҶМӮИ МАҲСУЛОТИ ДОХИЛӢ

Маҷмӯи маҳсулоти дохилии семоҳа

Муҳим ва зарур будани ҳисобҳои миллии семоҳаҳо аз он иборатанд, ки дар бораи рушди иқтисодиёти мамлакат барои давраи кӯтоҳтарин иттилооти муфассал пешниҳод карда мешавад. Барои ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ ва таҳлили онҳо, оид ба ММД силсилаи маълумотҳои семоҳаҳо заруранд, ин аз як тараф имконият медиҳад, ки рушди иқтисодиёт дар замони ҳозира назорат карда шавад ва таъсири чораҳои андешидашуда ва омилҳои беруна дуруст баҳо дода шаванд, аз дигар тараф имконият медиҳад, ки тамоюлҳои номатлуб дар иқтисодиёт саривақт тасҳеҳ ва ислоҳ карда шаванд.

Мақсади асосии тартиб додани ҳисобҳои миллӣ аз рӯи семоҳаҳо (ҲМС) аз он иборат аст, ки вазъияти тағйироти ҷорӣ дар иқтисодиёт нишон дода шавад, нисбат ба вазъияте, ки ҳисобҳои миллии солона пешниҳод карда мешуд, бештар сари вақт ва бештар пурраю мукаммал нишондиҳандаҳои кӯтоҳмуддат нишон дода шаванд. Барои муваффақ шудан ба ин мақсад ҳисобҳои миллӣ аз рӯи семоҳаҳо бояд саривақтӣ, дақиқ, пурраю мукаммал ва мувофиқашуда бошанд. Агар ҳисобҳои миллии ҳар семоҳа ба меъёрҳои ишорашуда ҷавоб дода бошанд, дар он сурат онҳо барои баҳо додан ва таҳлили тағйироти ҷорӣ дар иқтисодиёт асос шуда хизмат карда метавонанд.

Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ **(ММД)** нишондиҳандаи ҷамбастии фаъолияти иқтисодии мамлакат мебошад. Вай дар зинаи истеҳсолот ҷамъи арзиши иловашудаи соҳаҳо аз рӯи намуди фаъодияти иқтисодӣ, дар зинаи истифода арзиши молу хизматрасониро, ки барои истеъмолоти ниҳоӣ, андӯхт ва содирот пешбинӣ шудаанд, ифода мекунад. ММД бо нархҳои ҷории бозорӣ ҳисоб карда мешавад (ММД-и номиналӣ). ММД-и ҳақиқӣ бо нархҳои муқоисавӣ ҳисоб карда мешавад.

Нархи бозорӣ - (нархи харидори ниҳоӣ) нархи иловаи савдою нақлиёт, андози истеҳсолу воридотро дар бар мегирад, аммо ёрии пулиро барои истеҳсолот ва воридот дар бар намегирад.

Барои бартараф кардани таъсири миқдорҳои гуногуни андозҳо ва ёрии пулӣ ба сохтори истеҳсолоти соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт нишондиҳандаҳои арзиши умумии изофа аз рӯи нархҳои асосӣ арзёбӣ карда шудаанд.

Нархи асосӣ - нархе мебошад, ки истеҳсолкунандагон барои воҳиди мол ё хизмат, якҷоя бо ёрии пулӣ барои маҳсулот беназардошти андозҳо барои он мегиранд.

Маҳсулоти умуми дохилӣ - дар марҳилаи истеҳсолот бо роҳи ҷамбасти умумии арзиши изофа дар соҳаҳо бо нархҳои асосӣ якҷоя бо андозҳои холис аз маҳсулот гирифта мешавад.

Андозҳои соф аз истеҳсолот ва содирот- бо назардошти аз ҳисобот баровардани ёрии пулӣ барои истеҳсолот ва воридот муайян карда мешавад.

Андоз аз истеҳсолот ва воридот - пардохти ҳатмии ройгони бебозгашт аст, ки давлат аз воҳидҳои истеҳсолкунанда вобаста ба истеҳсол, барои фурӯш ва воридоти молҳо ва хизматрасонӣ ё барои истифодаи омилҳои истеҳсолот мебошад, меситонад. Ин андозҳо, андоз аз фоида ё дигар даромадҳоеро, ки корхона ба даст меорад, дар бар намегиранд. Ин андозҳо аз андозҳои маҳсулот ва дигар андозҳои истеҳсолот иборатанд.

Андоз аз маҳсулот - андозест, ки мутаносибан аз миқдор ва арзиши молҳо ва хизматрасонӣ, ки истеҳсол ё фурӯхта мешавад, ё намояндагиҳо ворид менамоянд, ситонда мешавад. Ба ин қабил андозҳо андози арзиши изофа, аксизҳо, андози содирот ва воридот ва ғайра дохил мешавад.

Дигар андозҳо аз истеҳсолот - андозҳои вобаста ба истифодаи омилҳои истеҳсолот, инчунин пардохти муҷозоти шуғли ягонаи фаъолияти истеҳсолӣ ё дигар пардохтҳои ҳатмӣ мебошад, ки пардохташ барои фаъолияти воҳиди истеҳсолкунанда - ҳисоботдиҳанда зарур аст.

Ёрии пулӣ барои истеҳсолот ва воридот - пардохти ройгонӣ ва бебозгашт мебошад, ки давлат ба корхонаҳо барои истеҳсол, фурӯш ва ё воридот ва хизматрасонӣ ё истифодаи омилҳои истеҳсолот, барои амалӣ намудани сиёсати муайяни иқтисодию иҷтимоӣ медиҳад. Ёрии пулӣ барои истеҳсолот ва воридот аз ёрии пулӣ барои маҳсулот ва дигар кӯмакпулии истеҳсолот иборат аст.

Ёрии пулӣ барои маҳсулот - ёрии пулӣ, ки мутаносиби миқдор ё арзиши молу хизматрасонӣ, ки намоянда ба ҷо меорад, ба фурӯш мебарорад ё ворид менамояд, пардохта мешавад. Ба ин ёрии пулӣ, масалан, подоши мунтазам дохил аст. Ин подош ба корхонаҳо аз буҷети давлатӣ барои зарари доимӣ дода мешавад, ки он дар натиҷа пасттар аз хароҷоти миёнаи истеҳсоли он муқаррар кардани нархи

маҳсулоти истеҳсолкардаи онҳо ба вуҷуд омадааст, инчунин ёрии пулӣ барои содирот ва воридот мебошад. **Дигар ёрии пулӣ ба истеҳсолот -** аз он иборат аст, ки корхонаҳо вобаста ба истифодаи омилҳои истеҳсолот аз давлат мегирад. Онҳо аз ёрии пулӣ намудҳои асосии зерин иборатанд:

-ёрии пулӣ, ки вобаста ба истифодаи меҳнати ҳайати махсус (маъюбон, бекорони муддати тӯлонӣ ва ғайра) пардохта мешавад;

-ёрии пулии вобаста ба истифодаи дигар омилҳои истеҳсолот, масалан, барои ҳавасманд намудани истифодаи намудҳои муайяни ашёи хом, энергия ва ғайраҳо.

-ёрии пулӣ барои кам кардани сатҳи ифлосшавии муҳити зист, масалан, барои пӯшонидани арзиши коркарди иловаи партовҳои истеҳсолот, бо мақсади кам кардан ё барҳам додани партовҳои моддаҳои зарарноки муҳити зист.

Дефлятори ММД ин тағйироти миёнаи нархҳо дар иқтисодиёт дар давраи муайян мебошад, ки бо роҳи тақсими индекси арзишии ММД (бо нархҳои ҷорӣ) ба индекси ҳаҷми физикии ММД ё бо роҳи тақсими арзиши ММД дар давраи ҷорӣ ба арзиши он дар давраи ҷорӣ бо арзёбии он бо нархҳои давраи базавӣ (бо нархои муқоисавӣ) муайян карда мешавад:

$$I_р^{МУД} = \qquad = \qquad ,$$

ки дар ин ҷо:

$I_р^{МУД}$ - дефлятори ММД;

- арзиши ММД дар давраи ҷорӣ;

- индекси арзиши ММД;

- индекси ҳаҷми физикии ММД.

Арзиши ММД бо нархҳои муқоисавӣ ин тақсимоти ММД бо нархҳои ҷорӣ ба компонентҳои алохидаи арзишӣ ва бо истифодабарии методҳои мувофиқ барои бадастовардани арзиши онҳо бо нархҳои соли базавӣ мебошад. Методи асосии арзьёбии ММД ва компонентҳои он бо нархҳои муқоисавӣ ин методи дефляторикунонӣ мебошад. Методи дефляторикунонӣ ин тақсимоти арзиши молҳо ва хизматрасонӣ дар давраи ҷорӣ ба индекси тағйирёбии нархҳо ба ин молҳо ва хизматрасонӣ дар давраи ҷорӣ нисбат ба нархҳои давраи базавӣ мебошад.

САНОАТ

Маҳсулоти саноатӣ (бо ифодаи арзиш) умуман ва соҳаҳои алоҳидаи он ҳамчун маҷмӯи маълумоти ҳаҷми маҳсулоти корхонаҳои саноатӣ муайян карда мешавад. Маҳсулоти корхонаҳои саноатӣ арзиши ҳамаи маҳсулоти тайёри дар давраи ҳисобот истеҳсолкардаи корхона ва маҳсулоти нимтайёри ба хориҷ ирсол кардаи он (чӣ аз ашёи хоми худӣ ва чӣ аз ашёи хоми фармоишгар истеҳсолшуда), инчунин

арзиши кори иҷрокардаи дорои хусусияти саноатӣ аз рӯи супориши беруна ё ки кори иҷро кардаи хоҷагӣ ва ташкилотҳои ғайрисаноатии корхонаи худӣ мебошад. Ба маҳсулоти корхонаи санотӣ (бо баъзе истисно) маҳсулоти истеҳсоли худӣ, ки ба эҳтиёҷоти истеҳсолӣ-саноатии дохили ҳамин корхона сарф карда шудааст, дохил намешавад.

Истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ бо ифодаи (шакли натура) худи маҳсулот, одатан, аз рӯи истеҳсоли умумии маҳсулот, яъне аз ҷумла аз рӯи маҳсулоти ба эҳтиёҷоти дохилии саноатию истеҳсолии ҳамон корхона сарфшуда, нишон дода шудааст.

Ба маълумоти истеҳсоли молҳои истеъмолӣ - молҳои истеъмолӣ ва ғайриистеъмолӣ, инчунин нӯшокиҳои спиртдор дохил карда шудаанд.

Индекси истеҳсолоти саноатӣ - нишондиҳандаи нисбӣ, ки тағйироти миқёси истеҳсолотро дар давраҳои муқоисашаванда тавсиф мекунад. Индексҳои инфиродӣ ва маҷмӯии истеҳсолоти саноатӣ фарқ мекунанд. Индексҳои инфиродӣ тағйироти истеҳсоли як маҳсулотро инъикос мекунанд ва дар давраҳои муқоисашаванда ҳамчун нисбати ҳаҷми истеҳсоли ҳамон намуди маҳсулот дар ифодаи ашё ба ҳисоб гирифта мешаванд. Индекси маҷмӯии истеҳсоли маҳсулот тамоми тағйироти истеҳсоли ҳамаи намудҳои маҳсулотро тавсиф мекунад. Индекс тағйироти арзишеро, ки дар ҷараёни истеҳсолоти саноатӣ дар натиҷаи тағйири танҳо ҳаҷми физикии маҳсулоти истеҳсолшуда ташкил меёбад, тавсиф мекунад. Барои ҳисоб карда баромадани индекси ҷамъбастӣ истеҳсоли индексҳои инфиродӣ аз рӯи намудҳои мушаххаси маҳсулоти зина ба зина ба индексҳои намудҳои фаъолият, зергурӯҳо, гуруҳҳо, зерсинфҳо, синфҳо, фаслҳо ва зерфаслҳо муттаҳид карда мешаванд. Индекси истеҳсолоти саноатӣ индекси муттаҳидшудаи истеҳсолоти аз рӯи намудҳои фаъолияти «Истихроҷи канданиҳои фоиданок», «Истеҳсолоти коркард», «Таъминоти нерӯи барқ, газ, буғ ва тозакунии ҳаво», Таъминоти об, тозакуни, коркарди партовҳо ва дастраси коркарди дуюмдараҷа» мебошад.

Ҳаҷми маҳсулоти ба фурӯш баровардашуда (кор, хизмат) - арзиши маҳсулоте мебошад, ки аслан дар давраи ҳисобот ба истеъмолкунандагон интиқол (фиристода) шудааст, инчунин арзиши кору хизмати иҷро кардашудаи саноатӣ аст, ки фармоишгар, сарфи назар аз он ки ба суратҳисоби корхона пул ворид шудааст ё не, қабул кардааст.

КИШОВАРЗӢ

Ба корхонаҳои кишоварзӣ мансубанд: хоҷагии давлатии кишоварзӣ, корхонаҳои байнихоҷагӣ, корхонаҳои иҷоравии кишоварзӣ, кооперативҳои кишоварзӣ, фирмаҳои аграрӣ, хоҷагиҳои ёрирасони корхонаву ташкилотҳо.

Хоҷагии деҳқонӣ - субъекти мустақили хоҷагидорӣ буда, оила ё шаҳрванди алоҳида ташкил кардааст, ки истеҳсол, коркард, захира ва фурӯши маҳсулоти кишоварзиро дар асоси истифодаи амвол, замин ва дигар захираҳои табиӣ, ки ҳамчун моликияти хусусӣ ё шахсӣ якумрӣ мерос мондааст, ё иҷора гирифтааст, ба амал мебарорад.

Ба хоҷагиҳои аҳолӣ- хоҷагии ёрирасони шахсии шаҳрвандон, заминҳои обчакорӣ ва боғҳои коллективӣ, бӯстонсарой дохил мешаванд.

Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ бо ҳамаи истеҳсолкунандаҳои кишоварзӣ (ташкилотҳои кишоварзӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ, соҳибкорни инфиродӣ, аҳолӣ) ҳамчун ҳаҷми истеҳсолоти маҳсулоти тайёри растанипарварӣ ва чорвопарварӣ ва тағйири арзиши истеҳсоли нотамоми маҳсулоти растанипарварӣ ва чорвопарварӣ аз рӯи намудҳои фаъолияти «Растанипарварӣ», «Чорвопарварӣ» ташаккул меёбад.

Индекси ҳаҷми аслии маҳсулоти кишоварзӣ - нишондиҳандаи нисбӣ мебошад, ки тағйироти миқёси истеҳсолотро дар давраҳои муқоисавӣ тавсиф мекунад. Индекс тағйироти арзишро, ки дар ҷараёни истеҳсолот дар натиҷаи тағйироти танҳо ҳаҷми физикии маҳсулоти истеҳсолшуда ба вуҷуд меояд, нишон медиҳад.

Маҳсулоти растанипарварӣ - арзиши маҳсулоти хоми аз ҳосили давраи ҳисобот ба даст омада- ғалла, маҳсулоти зироати техникӣ, картошка, сабзавот ва полизии хӯрокворӣ, меваҷот ва буттамеваҳо, зироати хӯроки чорво, дон ва парвардаи зироат, набототи бисёрсола ва тағйири арзиши истеҳсолоти нотамоми соҳаи растанипарвариро (шинондан ва то ҳосилбандӣ парвариш кардани зироат ва набототи бисёрсола) аз аввал нисбат ба охири давраи ҳисобот дар бар мегирад.

Маҳсулоти чорводорӣ - арзиши маҳсулоти хом, ки парвариш кардан ва ба нафъи хоҷагӣ истифода бурдани маҳсулоти чорво ва мурғ (шир, пашм, тухм ва ғайра) ҳосил мешавад, инчунин арзиши чорво ва мурғи фурӯхташуда, тағйироти арзиши парвариши ҷавонаҳо ва чорвои дар давраи ҳисобот бӯрдоқишуда, арзиши маҳсулоти замбури асалпарварӣ ва ғайраро дар бар мегирад.

Замину киштзори кишоварзӣ - минтақаи замине, ки мунтазам барои рӯёнидани маҳсулоти кишоварзӣ истифода мешавад. Ба таркиби замину киштзор замини корам, замини набототи бисёрсола, алафзор ва чарогоҳ дохил мешавад. Замину киштзори кишоварзӣ ҳамчун моликияти иҷора, доимӣ ва дар истифодаи муваққатии корхонаҳои кишоварзӣ, хоҷагиҳои аҳолӣ ва деҳқонӣ қарор мегирад.

Ҷамъоварии умумии маҳсулоти кишоварзӣ - ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолшуда (ҷамъоварии аслӣ) аз ҳамаи замини кишти зироати гуногун мебошад. Ҳам аз рӯи зироати ҷудогона (картошка, лаблабуи қанд ва ғайра) ва ҳам аз рӯи гуруҳҳои зироат (ғалладона, лӯбиёӣ, сабзавот, полизӣ, бехмеваи хӯроки чорво ва ғайра) ба ҳисоб гирифта мешавад.

Истеҳсоли гӯшти чорво ва мурғ - (дар вазни зинда) чорво ва мурғи барои гӯшт фурӯхтаи истеҳсолгарони маҳсулоти кишоварзӣ, инчунин моли дар корхонаҳои кишоварзӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ ва аҳолӣ кушташударо дар бар мегирад.

Истеҳсоли шир - шири дар асл дӯшидашуда мебошад, сарфи назар аз он, ки вай фурӯхта ё истеъмол шудааст ва ё дар хоҷагӣ барои истифодаи гӯсола ва хукбача сарф шудааст. Шире, ки гӯсолаҳо мемаканд, ба истеҳсолот дохил карда намешавад ва дар мавриди муайян кардани ҳисоби миёнаи ширдӯшӣ аз ҳар сар гови ҷӯшоӣ ба ҳисоб гирифта намешавад.

Истеҳсоли тухм - тухми аз ҳамаи намудҳои мурғи хонагӣ гирифташуда, инчунин барои чӯҷагирӣ, истеҳсоли хокаи тухм ва дигар мақсадҳо сарфшуда мебошад.

Баҳои маълумотҳои аз рӯи индексҳои истеҳсолот пешниҳод кардашуда, ба истиснои омилҳои мавсимӣ бо истифодаи усули TRAMO – SEATS – и барномаи «ДЕМЕТРА 2.2» ба амал бароварда мешавад. Ҳангоми ташаккули модел самараҳои тақвимӣ масалан барои нишондиҳандаи мазкур, ба нисбати хусусиятҳои истеҳсолоти кишоварзӣ ба ҳисоб гирифта намешаванд, зеро онҳо аз назари оморӣ аҳамиятнок нестанд.

Модел дар аввали сол қайд карда мешавад ва дар он фосила иваз карда намешавад.

Ба сифати иттилооти аввалия ё ибтидоӣ барои гузаронидани тасҳеҳоти мавсими аҳамияти аслии ҳармоҳаи индексҳои истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ нисбат ба декабри соли 2010 ба кор бурда мешаванд.

СОХТМОН

Инвеститсия дар сармояи асосӣ - маҷмӯи маблағест, ки барои харид, барпо кардан ва такрористеҳсоли фондҳои асосӣ сарф мешавад.

Мувофиқи сохтори истеҳсолӣ ва хусусияти фондҳои асосӣ инвеститсия дар сармояи асосӣ барои харочоти иҷрои корҳои сохтмону васлгарӣ ва лоиҳакашию кашшофӣ, хариди таҷҳизоте, ки ба сметаи сохтмон хоҳ дохил шуда бошад ва хоҳ не, хоҳ васл кардан лозим ояд ва хоҳ не, барои хариди асбоби истеҳсолот ва анҷоми хоҷагӣ, чорвои корӣ ва маҳсулдеҳ, барои харочоти шинондан ва парваридани ниҳолҳои мева ва буттамева, бунёди ҷангал ва дигар харочот, ки ба инвеститсияи сармояи асосӣ дохил мешаванд, ҷудо карда хоҳад шуд.

Фондҳои асосӣ - пул, молҳои истеҳсолшуда мебошад ки барои доимӣ ва чандинкарата дар давоми давраи тӯлонӣ, вале на камтар аз як сол, барои истеҳсоли молҳо, барои хизматрасонии бозорӣ ва ғайрибозорӣ истифода мешаванд.

Ба кор андохтани фондҳои асосӣ - арзиши иншоотҳои сохтмони ба итмомрасида ва бо тартиби муқарраршуда ба истифода додашуда, биноҳо, иншоотҳо, корхонаҳо, комплексҳои ба кор андохташудаи навбати онҳо, инчунин дастгоҳҳо, асбобу анҷом, набототи бисёрсола, чорвои корӣ ва маҳсулдиҳанда мебошад. Дар шаклҳои мушоҳидаҳои оморӣ баробари ба кор даровардани иқтидорҳои истеҳсолӣ ва иншоотҳои манзилию шаҳрвандӣ дар асоси санадҳои қабули иншоотҳои сохтмони ба итмомрасида инъикос карда мешаванд.

Ба кор андохтани иқтидор - нишондиҳандаи иқтидор (маҳсулнокӣ, ғунҷоиш, арзиши харидорӣ, майдон, масофа ва ғайра), ки дар натиҷаи дар сармояи асосӣ ба амал баровардани инвеститсия ҳосил шудааст. Дар шаклҳои мушоҳидаҳои оморӣ ба кор андохтани иқтидори истеҳсолӣ, иншоотҳои манзилии шаҳрвандӣ баъди мувофиқи тартиботи муқарраршуда барои истифода қабул шуданашон, инъикос карда мешаванд.

Сохтмони ғайриистеҳсолӣ - сохтмону таҷдиди иншоотҳои таъиноти манзилӣ-шаҳрвандӣ ва фарҳангӣ (биноҳои истиқоматӣ, муассисаҳои томактабӣ, иншооти варзиш, театру тамошохонаҳо, иншоотҳои хоҷагии коммуналӣ) мебошад.

Шумораи квартираҳои сохташуда- миқдори квартираҳои биноҳои истиқоматӣ, меҳмонхона ва хобгоҳҳои умумӣ мебошад, ки сохтмонашон ба итмом расидааст.

Масоҳати умумии манзилҳои истиқоматӣ - маҷмӯи масоҳати манзилҳо ва манзилҳои ёрирасон, инчунин масоҳати пешайвон, балкон, айвон, роҳравҳо ва амборҳои хунук мебошад, ки дар квартира, меҳмонхонаҳо, хобгоҳҳои умумии доимӣ ва дигар хонаҳои барои сукунати одамон (хонаҳои пиронсолон, маъюбон, биноҳои хобгоҳҳои бачагон ва мактаб - интернатҳо) таъин гардидаанду бо коэффитсиенти дахлдори кам кардашуда ҳисоб карда шудаанд. Ба биноҳои ёрирасон ошпазхона, роҳравҳои пеш ва дохили квартираҳо, ванна ва ҳаммом, ташноб, амбор ё ҷевонҳои сохташуда дохил мешаванд. Дар хобгоҳҳои умумӣ ба биноҳҳои ёрирасон хонаҳои хизматрасонии тиббӣ ва маданию маишӣ дохил мешаванд.

Сохтмони биноҳои истеҳсолӣ - сохтмони иншоотҳое мебошад, ки баъди бино ёфтан ва ба истифода дода шуданашон дар соҳаи истеҳсолоти моддӣ-дар саноат, сохтмон, нақлиёт, алоқа ва ғайра ба кор мераванд.

Ҳаҷми корҳои пудратии иҷрошуда - корҳое мебошанд, ки аз рӯи қарордоди пудратии сохтмон ва (ё ки қарордоди давлатӣ), ки бо фармоишгар имзо шудааст, бо қувваи худ иҷро карда шудаанд. Ба арзиши корҳои пудратӣ арзиши корҳои сохтмон ва васлкорӣ (сохтмони нав, таҷдид, васеъ кардан, бо техникаи нав таҷҳизонидан ва ғайра), арзиши корҳои таъмири куллӣ ва ҷорӣ ва дигар корҳо (ба истифодадиҳию танзимкорӣ, техникию маданӣ, обшӯӣ, бармаю таркиш ва ғайра) дохил карда мешаванд.

Маълумотҳо бо назардошти ҳаҷми корҳои иҷрокардаи субъектҳои соҳибкорони хурд, ташкилотҳои вазоратҳо ва идораҳое, ки қисмҳои низомӣ доранд, дарҷ карда мешаванд.

НАҚЛИЁТ

Нақлиёт ҳамчун намуди фаъолияти хоҷагӣ ба нақлиёти истифодаи умум ва ғайриумум ҷудо мешавад.

Нақлиёти истифодаи умум нақлиётест, ки талаботи ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёт ва аҳолиро дар боркашонӣ ва мусофирбарӣ қонеъ мегардонад, намудҳои гуногуни маҳсулотро байни истеҳсолкунандаҳо ва истеъмолкунандаҳо мекашонад, ба ҳамаи аҳолӣ хизмати дастраси умум мерасонад.

Нақлиёти истифодаи ғайриумумӣ (идоравӣ), одатан бору мусофирони корхонаю иттиҳодияи (ассотсиатсия, консерн ва ғайра) худро мекашонад.

Боркашонӣ - нишондиҳандаест, ки ҳаҷми бори бо тонна кашондаи воситаҳои нақлиёти мамлакатро тавсиф мекунад.

Боргардиш ба ҳисоби тонна-километр гардиши борро тавсиф мекунад ва аз рӯи маҷмӯи вазни ҳар гуруҳи бор бо тонна муайян карда мешавад, ки ба масофаи таърифии ҳамлу нақл ба ҳисоби километр кашонда шудааст муайян карда мешавад.

Мусофиркашонӣ аз рӯи маҷмӯи ҳамаи мусофирон ҳисоб карда мешавад, ки бо воситаҳои нақлиёт чӣ дар дохили мамлакат ва чӣ дар роҳҳои байналхалқӣ, сарфи назар аз он, ки дар мавриди пардохти ҳаққи мусофиркашонӣ, аз он ҷумла

мусофироне, ки бепул, инчунин бо чиптаи бепул ҳуқуқи рафтуомад карданро доранд ва кадом таърифа татбиқ мегардад, кашонда мешаванд.

Мусофиргардиш ҳаҷми корҳои иҷрошударо аз рӯи мусофиркашонӣ бо назардошти масофае, ки мусофирон кашонда шудаанд, тавсиф мекунад.

Баҳои маълумотҳое, ки дар график дар бораи боргардиш ва мусофиргардиши нақлиёти истифодаи умум ва ғайриумум пешниҳод кардашуда, ба **истиснои омилҳои мавсимӣ** ва тақвими бо истифодаи барномаи TRAMO – SEATS ба амал бароварда мешавад. Интихоби бештар модели оптималӣ ба таври автоматӣ амалӣ карда мешавад. Модел дар аввали сол қайд карда мешавад ва дар он фосила иваз карда намешавад.

Ба сифати иттилооти аввалия ё ибтидоӣ барои гузаронидани тасеҳеҳоти мавсимӣ аҳамияти амалии ҳармоҳаи ҳаҷми боргардиш ва мусофиргардиши нақлиёти истифодаи умум ва ғайриумум аз соли 2010 ба кор бурда мешавад, ки ба ҳисоби фоиз нисбат ба декабри соли 2009 ҳисобу китоб карда шудаанд, ин амал беташаккули арзёбии пешгӯиҳо ба ҷо оварда мешавад. Ҳангоми воридшавии маълумотҳои нави оморӣ дар давоми соли ҳисобот дараҷа (динамика) аниқ карда мешавад.

БОЗОРИ ИСТЕЪМОЛӢ

Гардиши мол - нишондиҳандае, ки раванди мубодилаи молро дар шакли нақдӣ ва ғайринақдӣ ба шахсони ҳуқуқӣ, воқеӣ ва аҳолӣ ифода менамояд. Муомилоти мол арзиши молҳое, ки хароҷоти харидоронро барои хариди мол инъикос менамояд.

Гардиши савдои чакана - арзиши моли истеъмолӣ мебошад, ки ба аҳолӣ барои истеъмоли ниҳоӣ ё барои истифодаи рӯзгор фурӯхта шудааст. Инчунин ба гардиши чаканаи мол арзише низ дохил мешавад, ки муассисаҳои савдои чаканаи мол ба ташкилотҳои соҳаи иҷтимоӣ (муассисаҳои кӯдакон, табобатгоҳ, истироҳатгоҳ, хонаҳои маъюбон ва ғайра) аз рӯи ҳисоби ғайринақдӣ мефурӯшанд.

Илова бар ин, ба ҳаҷми гардиши мол инчунин фуруши молҳое, ки дар бозорҳои ашё, омехта ва озуқаворӣ аз ҷониби шахсони ҳуқуқӣ фурухта мешаванд, дохил мегардад.

Гардиши савдои яклухт – фурӯши молҳои нав ва истифодашаванда ба фурӯшандагони субъектҳои савдои чакана, корхонаҳои саноатӣ ва дигар субъектҳои яклухт, инчунин шахсони воқеӣ ё намояндагиҳое ки ба муомилоти молу маҳсулот машғуланд, ифода менамояд.

Индекси ҳаҷми физикии гардиши мол - нишондиҳандаи нисбии тағйироти гардиши савдо дар давраҳои муқоисашаванда бо нархҳои муқоисавӣ аст.

Хизматҳо оид ба хизматрасонии техникӣ ва таъмири автомобилу мототсиклҳо хизматрасонии техникӣ ва таъмири воситаҳои нақлиётро дар бар мегиранд: таъмиру корҳои механикӣ, баркӣ-техникӣ, таъмири низомҳои **тазриқи** электронии сӯзишворӣ, муоина ва назорати мунтазам ва таъмири қисмҳои эҳтиётӣ барои воситаҳои нақлиёт, шустушӯй, ранг намудан ва ғайраҳо, таъмири ҳамагуна шишаю тирезаҳо, курсиҳои нишаст, таъмири резин ва камераҳои чарххои воситаҳои нақлиёт, бастану ҷо ба ҷо кардан ё иваз кардани онҳо, коркарди зидди занг, ҷо ба

ҷо кардани қисмҳои эҳтиётӣ ва асбобу анҷомҳое, ки ба қисми ҷараёни истеҳсолӣ вобаста нестанд.

Захираҳои молӣ - миқдори молҳо бо ифодаи пулӣ ё натуралӣ (асл), ки дар корхонаҳо, дар амборхонаҳо, дар роҳ барои санаи муайян қарор доранд.

Сохтори молӣ – тақсимоти намудҳои алоҳидаи молҳо ва гурӯҳи молҳо дар ҳаҷми умумӣ ва фурӯши онҳо, ки бо ифодаи мутлақ ё бузургии нисбӣ ифода ёфтаанд.

Меҳмонхона ва тарабхонаҳо– андозаи пардохтҳо барои истиқомати муваққатӣ дар меҳмонхонаҳо (аз ҷумла маблағи банд кардани ҷой дар меҳмонхонаҳо); пардохт барои истифодаи интернет, алоқаи телефонии байналхалқӣ, дукони меҳмонхонаҳо. Фурӯши ғизои тайёр аз ҷумла коктейлҳо, нӯшокиҳо, бевосита барои истеъмолот дар ҷой.

Ҳаҷми хизмати пулакӣ - хароҷоти пулии аҳолӣ, шахсони ҳуқуқӣ ва воқеие, ки аз ҷониби корхонаҳо ва ташкилотҳои шакли моликияташон гуногун хизмат расонида мешавад. Ба ҳаҷми хизмати пулакӣ инчунин маблаға ба ҳисоб гирифта мешавад, ки аз корхонаҳо ва ташкилотҳо чун ҳаққи хизмати адокардаи кормандон ворид мегардад.

Ба хизмати пулакӣ дохил мешавад: хизмати маишӣ, хизмати нақлиёти мусофирбар, алоқа, хизмати манзилию коммуналӣ, хизмати муассисаҳои бачагонаи томактабӣ, хизмати муассисаҳои фарҳангию варзишӣ, тиббӣ, истироҳатию табобатӣ, хизмати соҳаи ҳуқуқ, хизмати муассисаҳои бонк ва ғайра.

Хизмати пулакӣ ба аҳолӣ - натиҷаи фаъолияти корхонаю ташкилотҳои ҳамаи шаклҳои моликият ва шакли ташкилию ҳуқуқӣ мебошад, ки барои қонеъ гардонидани талаботи шахсии аҳолӣ мувофиқи фармоиши онҳо равона шудааст. Ба ҳаҷми хизматрасонии пулакӣ инчунин хизмате дохил карда мешавад, ки шахсони машғулини фаъолияти соҳибкории инфиродӣ ба аҳолӣ мерасонанд.

Ҳаҷми умумии адои хизмати пулакӣ - маҷмӯи маблағи пардохтҳое мебошад, ки аз аҳолӣ ба корхона барои хизматашон ворид мешавад, аз ҷумла арзиши илова, андози махсус, аксизҳо ва ғайра.

Пардохтҳои илова, ки аз ҳисоби маблағи мақомоти ҳифзи иҷтимоӣ ба ҷо оварда шудаанд, ба ҳаҷми адои хизмати аҳолӣ дохил карда намешаванд.

Ба таркиби хизматрасонии пулакӣ инчунин асосан хизмати маишии аз рӯи фармоиш иҷро кардашуда ба ҳисоб гирифта мешаванд. Хизмати пулакӣ қатъиян дар давраи ҳисобот дар лаҳзаи пешниҳоди онҳо, ки маъмулан бо додани фармоиши пардохташуда мутобиқат мекунад, ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Баҳои маълумот оид ба ҳаҷми аслии гардиши савдо ва хизматрасониҳои пулакӣ ба **истиснои омилҳои мавсимӣ** ва тақвимӣ бо истифодаи барномаи TRAMO – SEATS ба амал бароварда мешавад. Интихоби бештар модели оптималӣ ба таври автоматӣ амалӣ карда мешавад.

Модел дар аввали сол қайд карда мешавад ва дар он масофа иваз карда намешавад. Ба сифати иттилооти аввалия ё ибтидоӣ барои гузаронидани тасҳеҳоти мавсимӣ аҳамияти амалии ҳармоҳаи ҳаҷми физики гардиши савдо ва хизматрасонӣ аз соли 2010 ба кор бурда мешавад, ки ба ҳисоби фоиз нисбат ба декабри соли 2009

ҳисобу китоб карда шуданд, ин амал беташаккули арзёбии пешгӯиҳо ба ҷо оварда мешавад. Ҳангоми воридшавии маълумоти нави оморӣ дар давоми соли ҳисобот дараҷа (динамика) дар муҳлати муқарраршуда аниқ карда мешавад.

НАРХҲО

Индекси нархҳои истеъмолӣ ва таърифаи молҳо ва хизматрасонии пулакӣ ба аҳолӣ (ИНИ) аз тағйири ҳарвақтаи сатҳи умумии нарх ва таърифаи молу хизмат, ки аҳолӣ барои истеъмоли ғайриистеҳсолӣ баҳра мебарад, башорат медиҳад. Таносуби арзиши маҷмӯи мол хизмати қайдшудаи давраи ҷорӣ ва арзиши давраи гузаштаашонро чен мекунад.

Ба маҷмӯи молу хизмат зиёда аз 300 намуди молҳо (хизмат) дохил карда шудаанд. Нарху таърифаҳо дар ҳамаи марказҳои вилоятҳо ва дар шаҳрҳою марказҳои ноҳияҳо интихобан бо назардошти намояндагии онҳо дар инъикоси вазъияти иҷтимоию - иқтисодӣ ва ҷуғрофии минтақаҳо мушоҳида карда мешаванд.

Арзиши маҷмӯи хӯрокворӣ дар асоси истеъмоли аслии хонавода (аз рӯи мушоҳидаҳои интихобӣ) умуман дар ҷумҳурӣ, ба ҳисоби миёна ба ҳар нафар аҳолӣ муайян карда мешавад.

Индекси нархи истеҳсолкунандаҳои маҳсулоти саноатӣ дар асоси бақайдгирии молҳо - намудҳои дар захираи корхонаҳои саноатӣ мавҷуда ба ҳисоб гирифта мешавад.

Барои нархҳои истеҳсолкунандагон дар корхонаи саноатӣ мушоҳида гузаронда мешавад. Ҳисобу китоби нархҳои миёна ва индексҳо аз рӯи зиёда аз 80 намуди мол ба амал бароварда мешаванд. Нархҳои истеҳсолкунандагон нархҳои ҳақиқии дар лаҳзаи сабти нархҳои маҳсулоти истеҳсолшудаи корхонаҳои саноатӣ ҳосилшуда мебошанд, ки барои фурӯш ба бозори дохилӣ (бе назардошти андозҳои бевоситаи молҳо-андоз аз арзиши изофа, аксизҳо ва ғайра) бароварда мешаванд.

Индекси нархҳо аз рӯи молҳо - намояндаҳои ба ҳисоб гирифташудаи истеҳсолкунандагон мунтазам ба индекси нархҳои зерсоҳаҳо ва умуман саноат мутобиқ карда мешаванд. Ба сифати ченак маълумотҳои ҳаҷми истеҳсолот бо арзиши давраи асосӣ истифода бурда мешаванд.

Индекси нархҳои истеҳсолкунандаҳои маҳсулоти кишоварзӣ дар асоси бақайдгирии нархҳо барои мушоҳидаҳои интихоб кардаи нархҳои ташкилотҳои кишоварзӣ дар асоси намудҳои молҳо – намояндаҳое, ки ташкилотҳои маҳсулот-тайёркунанда ва аз нав коркунанда, дар бозор, ба воситаи шабакаҳои савдои худӣ, бевосита ба васоити нақлиёт дар ярмаркаҳо, биржаҳо, музоидаҳо, ташкилотҳо ва сохторҳои тиҷоратӣ ба аҳолӣ мефурӯшанд, ҳисоб карда мешавад. Нархҳои истеҳсолкунандаҳои маҳсулоти кишоварзӣ ба назардошти изофагӣ ва тахфиф барои сифати маҳсулоти фурӯхташаванда бе хароҷоти ҳамлу нақл ва намояндагӣ, борборкунӣ ва борфарории маҳсулот, инчунин бе андоз аз арзиши изофӣ ба амал бароварда мешавад.

Индексҳои нархҳо барои харидории намудҳои алоҳидаи маводи бинокорӣ аз тарафи ташкилотҳо дар асоси бақайдгирии нархҳо барои молҳо – намояндаҳо аз рӯи феҳристи муқараршуда ҳисоб карда мешаванд.Нархи миёнаи харидорӣ, ғайр аз нархи истеҳсолкунанда андоз ва арзиши изофӣ, аксиз, хароҷоти нақлиёт, фурӯш,

хароҷоти миёнаравӣ ва дигарҳоро дар бар мегирад. Сохти тартиби индексҳои нархҳои харидорӣ аз рӯи муқоисапазирии гуруҳи намудҳои молҳо дар давраи ҳисоботӣ ва асосӣ ба амал бароварда мешавад ва дар асоси маълумотҳо дар бораи миқдори маҳсулоти харидашуда дар соли гузашта бо низоми баркашидашуда ба амал оварда мешавад.

Индекси таърифаҳои боркашонӣ тағйироти таърифаҳои дар ҳақиқат амалкунандаи боркашониро дар давраи ҳисобот тавсиф мекунад; дар ин маврид тағйироти сохтори бори кашондашуда аз рӯи аломатҳои гуногун ба ҳисоб гирифта намешаванд: намуд ва андозаи ҳамлу нақли бор, суръати ҳамлу нақл, масофаи боркашонӣ, ҳудуди боркашонӣ, навъи воситаи нақлиёт, дараҷаи истифодаи иқтидори борбардоришон ва дигар аломатҳо.

Маҷмӯи индексҳои таърифаҳои боркашонии ҳамаи намудҳои нақлиёт бо назардошти индексҳои таърифаҳои боркашонии намудҳои ҷудогонаи нақлиёт (автомобил, роҳи оҳан, нақлиёти ҳавоӣ), ки бо ҳаҷми даромадҳои аз боркашонии намудҳои дахлдори нақлиёт дар давраи асосӣ бадастомада андоза ва қиёс карда шудаанд, ҳисоб карда мешавад. Аз рӯи ҳар кадом намуди нақлиёт таърифаҳои хизматрасонӣ - намоянда ба қайд гирифта мешавад. Барои хизматрасонӣ - намоянда як тоннаи борро ба масофаи аниқшуда кашондани намуди муаяйни нақлиёт қабул шудааст. Таърифаҳо дар маҷмӯи интихобии ташкилотҳои васоити нақлиёт қайд карда мешавад.

МОЛИЯ

Буҷет - шакли ташкил ва хароҷоти фонди маблағе мебошад, ки барои бо маблағ таъмин намудани вазифаҳои давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ ҷудо карда шудааст.

Даромади буҷет - маблағест, ки мувофиқи қонунгузории буҷету андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ройгон ва бебозгашт ба ихтиёри мақомоти ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти худидоракиии маҳаллӣ ворид мегардад.

Ба даромади андозҳо андозҳои умумидавлатӣ, маҳаллӣ ва пардохтҳо, инчунин ҷаримаҳо мансубанд, ки дар Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд.

Ба даромади ғайриандоз даромадҳои давлатӣ, ғайр аз даромадҳо аз фурӯши сармоя, ҳамаи мадохилот аз рӯи ҷарима ва иҷозатномаҳо, ғайр аз ҷаримаҳои аз мӯҳлат дер пардохтани андозҳо ва ҳамаи мадохилоти ихтиёрӣ, ройгон, мадохилоти ҷорӣ, бебозгашт аз манбаъҳои ғайридавлатӣ мансубанд.

Ба ин муносибат ин категория чунин даромадҳои давлатиро истисно мекунад: даромад аз андоз, грантҳо, қарзҳо, пардохт ба ҳисоби қарзҳои давлатии пешина, фурӯши сармояи асосӣ, захираи молҳо, замин ва активҳои ғайримоддӣ, инчунин грантҳо аз манбаъҳои ғайридавлатӣ, ки барои мақсадҳои маблағгузорӣ пешбинӣ шудаанд.

Андоз- пардохти ҳатмии фардии бебозгашт, маблағе мебошад, ки аз ташкилотҳо ва шахсони воқеӣ дар шакли мусодираи моликияти онҳо, барои пеш

бурдани хоҷагӣ ё ки идораи таъҷилӣ бо мақсади таъмин гардонидани фаъолияти давлат ва (ё) ташкилотҳои мунитсипиалӣ ситонда мешавад.

Боҷ - аъзоҳақии ҳатмӣ мебошад, ки аз ташкилотҳо ва шахсони воқеӣ ситонда мешавад, пардохте, ки яке аз шартҳои иҷроиши ба манфиати пардохткунандагони боҷҳои мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, дигар намояндагони мақомот ва мақомоти шахсони ҳуқуқӣ, ки фаъолияташон аҳамиятнок аст, аз ҷумла ҳуқуқи муайян доранд ё ба додани иҷозатнома (литсензия) ҳуқуқ доранд.

Грантҳо - пардохтҳои ғайриҳатмиии бебозгашт ва бебурди байнидавлатҳо ё байни ташкилотҳо мебошанд.

Хароҷоти буҷети давлатӣ хароҷоти аз рӯи пулҷудокунӣ муайяншуда мебошад, ки дар қонуни оид ба буҷет барои як сол пешбинӣ шуда, барои қонеъ гардонидани талаботи умумии ҷомеа равона карда шудааст, иборат аст аз: маблағ барои пӯшонидани хароҷоти ҳарбӣ, таъмини дастгоҳи давлатӣ, адои вазифаҳои давлатӣ, додани ёрии пулӣ, рушди сектори иқтисодиёти давлат, пӯшонидани хароҷоти иҷтимоию фарҳангӣ ва тадқиқоти илмӣ.

Касри буҷет - барзиёд будани хароҷот аз даромади буҷет мебошад.

Фоидаи буҷет - барзиёд будани даромад аз хароҷоти буҷет мебошад.

Бақияи натиҷаи молиявӣ (фоида тарҳи зарар) - натиҷаи ниҳоии молиявӣ аст, ки дар асоси баҳисобгирии муҳосибавии тамоми амалиёти хоҷагидории корхона ва ташкилотҳо ошкор карда шудааст. Яъне маблағи фоида (зарар) мебошад, ки аз фурӯши маҳсулот (кор, хизмат), маблағҳои асосӣ, дигар амволи корхона ва ташкилот ва аз даромад аз амалиёти ғайрифурӯш, ҳосил шудааст ва ба маблағи хароҷот аз рӯи ин амалиёт кам карда шудаанд.

Қарздории умумӣ аз рӯи уҳдадорӣ - қарздории кредиторӣ ва қарздорӣ аз рӯи қарзи бонкҳо ва вомбаргҳо мебошад.

Қарздории дебиторӣ ва кредиторӣ - ба ин қарздорӣ қарзи харидорон (таъминкунандагон) барои бори фиристодашуда, кору хизматҳои иҷро кардашуда, аз он ҷумла таъмин будан бо векселу пешпардохти гирифташуда, ситондани товони зарари моддӣ дохил карда мешавад. Ғайр аз ин, ба қарздории кредиторӣ қарздории корхонаҳо аз рӯи ҳамаи намудҳои пардохт ба буҷет аз рӯи додани маблағи пардохти ҳаққи меҳнат ва дигар пардохтҳо, пардохтҳо ба фондҳои ғайрибуҷетии давлатӣ дохил мешаванд.

Қурби расмии асъорҳои хориҷӣ нисбат ба сомониро Бонки миллии Тоҷикистон муқаррар мекунад.

САВДОИ ХОРИҶӢ

Содирот-молҳое, ки мувофиқи муқаррароти гумрук ба хориҷи мамлакат содир карда мешаванд. **Воридот** - молҳое, ки ба мамлакат барои муомилоти озод ворид карда мешаванд. **Бақия (салдо)** фарқияти арзиши байни содироту воридот мебошад. **Гардиши савдои хориҷӣ** маблағи арзиши содирот ва воридот аст.

САТҲИ ЗИНДАГИИ АҲОЛӢ

Даромади пулии аҳолӣ пардохти музди меҳнати ҳамаи категорияҳои аҳолӣ, пардохти нафақа, ёрдампулӣ, стипендия ва дигар трансфертҳои иҷтимоӣ, мадохилот аз фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ, даромад аз моликият дар шакли фоиз

аз пасандозҳо, қоғазҳои қиматнок, ҳаққи саҳмҳо, қарзҳо, даромад аз фурӯши арзҳои хориҷӣ ва дигар даромадҳо мебошад.

Даромади аслии пулии дар ихтиёрдошта - даромаде мебошад, ки аз он пардохтҳои ҳатмии бо индекси нархҳои истеъмолӣ тасҳеҳшуда хориҷ карда шудаанд.

Хароҷот ва пасандозҳои пулии аҳолӣ - хароҷот барои хариди молҳо ва пардохтҳо барои хизматрасонӣ, пардохтҳои ҳатмӣ ва гуногун (андоз ва боҷҳо, пардохт барои суғуртакунӣ, пардохт ба ташкилотҳои кооперативӣ ва ҷамъиятӣ, баргардонда додани қарзи бонкҳо, фоизи қарзи молҳо ва ғайра), барои харид кардани арзҳои хориҷӣ, инчунин афзоиш додани пасандозҳо ва қоғазҳои қиматнок мебошад.

Музди миёнаи ҳармоҳаи номиналии кор бо назардошти фонди ҳаққи меҳнат ба кормандон пардохта мешавад, ки барои шумораи дар рӯихат будаи кормандон ҷудо карда шудааст. Ба фонди ҳаққи меҳнат дар шакли пул ва натура барои вақти коркардашуда ва иҷрои кор, кори иҷронашуда, аммо вақти пардохташаванда (масалан, рухсатии ҳарсола) пардохтҳои ҳавасмандгардонӣ ва иловагӣ, мукофотпулӣ ва мукофотпулии яквақта, ёрдампулии вобаста ба шароити кор ва меҳнат дохил карда мешавад.

Музди ҳақиқии кор ҳаҷми молҳо ва хизматрасониро, ки ба музди номиналии кор дар давраи ҷорӣ бо назардошти нархҳои давраи асосӣ пардохта мешавад, тавсиф мекунад. Барои тавсифи қобилияти харидорӣ музди кор ба муносибати тағйир ёфтани нархи молҳои истеъмолӣ ва хизматрасонӣ индексҳои аслии музди кор ба ҳисоб гирифта мешавад. Барои ин индекси музди номиналии кор ба индекси нархҳои истеъмолӣ тақсим карда мешавад. Ҳар ду индекс бояд ба як вақти ҳамон давра дахл дошта бошад.

Қарздории муҳлаташ гузашта оид ба пардохти музди меҳнат маблағи музди меҳнат, ки аслан барои пардохти ҳақиқии музди меҳнати кормандон ба ҳисоб гирифта шудааст, аммо дар муҳлати муқарраркардаи қарордоди коллективӣ ё ки қарордоди хизматрасонии ҳисоби хазина, ки бо бонк имзо шудааст, пардохта нашудааст.

БОЗОРИ МЕҲНАТ

Синну соли зерин **қобили меҳнат** дониста мешавад: барои мардон 15-62 сола, барои занон 15-57 сола. Ба синну соли хурди қобили меҳнат шахсони 0-14 сола тааллуқ доранд. Ба синну соли аз қобили меҳнат калон мардони 63 сола ва калонтар ва занони 58 сола ва калонтар дохил мешаванд.

Қувваҳои корӣ - машғулин ва бекорон дар маҷмуъ қувваҳои кориро ташкил медиҳанд. Мафҳуми «қувваҳои корӣ» ба пешниҳоди қувваҳои корӣ барои истеҳсол ва хизматрасонӣ бар ивази маош ва ё даромад тааллуқ дорад. Мафҳуми «аҳолии дар иқтисодиёт фаъол» дар 19-умин Конференсияи Байналмилалии Оморчиёни Меҳнат бекор карда шуд (октябр, соли 2013).

Ба аҳолии дар иқтисодиёт машғул шахсоне мансубанд, ки дар давраи тадқиқшаванда аз рӯи кироякории музднок кор кардаанд, инчунин мустақилона ё бо як ё якчанд ҳариф ҳам бо ҷалб кардан ва ҳам ҷалб накардани кироякорон кори

даромаднокро иҷро намудаанд. Ба ин гуруҳ шахсоне низ дохил мешаванд, ки корро бемузд дар корхонаи оилавӣ (ёрдамчиён аз ҳисоби аъзоёни оила) иҷро намудаанд. Инчунин шахсоне, ки аз сабаби беморӣ, нигоҳубин кардан ба бемор, ба рухсатии ҳарсола, ё ба рӯзи истироҳат, ба таҳсил, ба таътили таълимӣ, ё ба рухсатии бемузд, ё бо қисман музднок бо ташаббуси маъмурият, ё ба корпартоӣ рафтан ва дигар ин қабил сабабҳо муваққатан ба кор набаромада буданд. Шахсони машғул дар иқтисодиёт аз рӯи мақоми худ дар системаи муносибатҳо ба кормандони кироя ва ба кормандони ғайрикироя ҷудо мешаванд. Ба кормандони кироякор шахсоне низ дохил мешаванд, ки бо роҳбарони корхонаҳо, сарфи назар аз моликияташон, ё бо ашхоси алоҳида дар бораи шароити фаъолияти меҳнатӣ, ки барои он пулакӣ ё бо маҳсулот ҳақ мегиранд, шартнома ё созишномаи меҳнатӣ бастаанд, ё даҳонӣ қарордод кардаанд. Шахсоне, ки ғайрикироя кор мекунанд, шахсоне мебошанд, ки мустақилона худашонро бо кор таъмин менамоянд. Ба ин қабил шахсон соҳибкорон, шахсони танҳокор, кормандони оилавии бемузд дохил мешаванд.

Кормандони кироякори мувофиқи мафҳуми байналхалқӣ истилои «кормандони кироякор» ба шахсоне рост меояд, ки дар корхонаҳои давлатӣ, хусусӣ ва дигар корхонаҳо кор карда, музди кор, маош ва инъом мегиранд (ба мафҳуми «коргарон, хизматчиён, шабоҳат доранд).

Шумораи дар рӯйхатбудаи кормандон - ҳамаи кормандоне мебошанд, ки ба кори доимӣ, мавсимӣ, инчунин ба кори муваққатии якрӯза ва зиёдтар қабул карда шудаанд. Дар чунин маврид ҳам кормандони аслӣ ва ҳам кормандони муваққатан бекор, вале расмӣ дар қайдбуда ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Шумораи аслии кормандон - шумораи кормандоне мебошад, ки барои ҳисоб кардани музди миёнаи кор ва дигар бузургиҳои миёна қабул карда шудаанд. Барои ҳосил шудани ин нишондиҳанда аз шумораи кормандони дар рӯйхатбуда заноне, ки ба рухсатии ҳомила, таваллуд ва нигоҳубини кӯдак, кормандоне, ки бо ташаббуси маъмурият ба рухсатии бепул рафтаанд, хориҷ карда мешаванд.

Бекорон- шахсоне мебошанд, ки ба синни дар қонунгузории миллӣ (ба сифати ҳадди поёнии синни қобили меҳнат синни 15 солагӣ ба инобат гирифта шавад), қабулшуда расидаанд ва дар давраи таҳлилшаванда:

а) <u>бекор буданд (шуғли даромаднок надоштанд)</u>, яъне ягон кори даромаднок тариқи кироя ва ё дар корхонаи шахсӣ, чи тавре дар тавсияҳои байналмиллалӣ барои машғулин муқаррар гардидааст, анҷом надодаанд;

б) <u>тайёр ҳастанд, ки ба кор шурӯъ кунанд</u>, яъне кори пардохтшавандаро тариқи кироя ва ё дар корхонаи шахсӣ дар давоми давраи ҳисоботӣ шуруъ кунанд;

в) <u>ба ҷустуҷӯи кор машғул буд</u>, яъне чораҳои қатъи дидааст барои барои пайдо кардани кори пардохтшаванда тариқи кироя ва ё дар корхонаи шахсӣ.

Ба бекорони дар мақомоти Хадамоти давлатии шуғли аҳолӣ ба қайд гирифташуда, шахсоне мансубанд, ки ҷои кор надоранд, дар ҷустуҷӯи кор мебошанд ва мувофиқи тартиботи муқарраршуда дар мақомоти хадамоти шуғли аҳолӣ мақоми бекорро соҳиб шудаанд.

Бекории пинҳонӣ шуғли нопурра мебошад, ки қисми кормандон аз сабаби аз кор бозмондани корхона ба рухсатии маҷбурӣ мераванд ё ҳафтаи нопурра ва рӯзи нопурра кор мекунанд.

Дараҷаи бекорӣ аз рӯи таносуби шумораи бекорон нисбат ба шумораи аҳолии дар иқтисодиёт фаъол муайян карда мешавад.

Шумораи шаҳрвандоне, ки ба мақомоти давлатии Хадамоти шуғли аҳолӣ дар масъалаи таъмин кардан бо кор муроҷиат кардаанд, шумораи аҳолиест, ки дар давраи тадқиқшаванда барои ҷустуҷӯи кор, аз он ҷумла шахсони машғуле ки ҷои корашро дигар кардан ё ҷои кори дуюм доштан мехоҳад, инчунин донишҷӯён ва хонандагоне, ки мехоҳанд дар давраи аз таҳсил фориғ кор кунанд, ба мақомоти шуғли аҳолӣ муроҷиат кардаанд.

Шумораи шаҳрвандони бо кор таъминшуда - шумораи умумии шахсоне, ки дар давраи тадқиқшаванда бо ёрии мақомоти давлатии хадамоти шуғли аҳолӣ бо кор таъмин карда шудаанд.

Изҳороти корхона ва ташкилотҳое, ки ба кормандон эҳтиёҷ доранд - шумораи ҷои холии кор (кормандони зарурӣ), ки корхонаю ташкилотҳо ба мақомоти давлатии хадамоти шуғли аҳолӣ хабар додаанд.

Шумораи аҳолии бекор, ки ба як ҷои холии кор талабгор аст, ҳамчун нисбати шумораи шахсоне, ки ба фаъолияти меҳнатӣ машғул нестанду дар мақомоти давлатии хадамоти шуғли аҳолӣ ба қайд гирифта шудаанд ва шумораи ҷои холии кор, ки корхонаю ташкилотҳо ба мақомоти давлатии хадамоти шуғли аҳолӣ хабар додаанд, ҳисоб карда мешавад.

ВАЗЪИ ДЕМОГРАФӢ

Маълумот дар бораи **шумораи аҳолӣ** аз рӯи аҳолии доимӣ оварда мешавад, ки ба он шахсони дар ҳамон ҳудуд ҳозирбуда, аз он ҷумла шахсоне, ки муваққатан сукунат надоранд, мансубанд. Аҳолӣ ба шаҳрию деҳотӣ аз рӯи маҳалли истиқомат тақсим карда мешавад, дар ин маврид маҳалҳое шаҳр ҳисобида мешаванд, ки мувофиқи тартиботи қонунгузорӣ ба гуруҳи шаҳрҳо (шаҳр ва шаҳрак) мансуб дониста шудаанд. Ҳамаи маҳалҳои боқимонда деҳот ҳисоб мешаванд.

Маълумот дар бораи таваллуд, фавт, никоҳ ва талоқ - дар асоси коркарди ҳарсолаи маълумотҳои оморӣ, ки дар маълумоти санадҳои қайди ҳолати шаҳрвандӣ роҷеъ ба таваллуд, фавт, ақди никоҳ ва талоқ мавҷуданду мақомоти сабти ҳолати шаҳрвандӣ (САҲШ) тартиб додаанд, гирифта мешаванд. Ба шумораи таваллудшудагон танҳо тифлони зинда таваллудёфта дохил карда шудаанд.

Афзоиши табиии аҳолӣ - андозаи мутлақи фарқи байни шумораи таваллудшудагон ва фавтидагон дар фосилаи муайяни вақт мебошад. Андозаи он метавонад мусбат ва ё манфӣ бошад.

Коэффитсиенти умумии таваллуд ва фавт - ҳамчун мутобиқати шумораи кӯдакони зинда таваллудшуда ва фавтида дар давоми соли тақвимӣ нисбат ба шумораи миёнаи солонаи аҳолии мавҷуда ҳисоб карда мешавад.

Коэффитсиенти афзоиши табиӣ - ҳамчун фарқияти коэффитсиентҳои умумии таваллуд ва фавт ҳисоб карда шудааст. Бо промилле (ба 1000 нафар аҳолӣ) ҳисоб карда мешавад.

Коэффитсентҳои никоҳ ва талоқ умумианд - таносуби шумораи никоҳ ва талоқи дар давоми соли тақвимӣ ба қайд гирифташуда нисбат ба шумораи миёнаи умумии солонаи аҳолии мавҷуда мебошад. Бо промилле (ба ҳар 1000 нафар аҳолӣ) ҳисоб карда мешавад.

Муҳоҷирати аҳолӣ - ҷараёни ҷойивазкунии одамон ба воситаи ҳудуди ин ё он сарҳад барои сукунати доимӣ ва ё барои сукунати кӯтоҳмуддат ва ё тӯлонӣ мебошад. Муҳоҷирати аҳолӣ аз рӯи як қатор аломатҳо табақабандӣ мешавад:

1. Вобаста ба хусусияти гузаштани сарҳад муҳоҷирати хориҷӣ ва дохилӣ мешавад. Муҳоҷирати хориҷӣ муҳоҷиратест, ки аз сарҳади давлатӣ мегузарад. Нисбат ба муҳоҷирати хориҷӣ мафҳуми «муҳоҷирати» хориҷӣ (ба дигар мамлакат баромада рафтан) ва «муҳоҷирати дохилӣ» (дар дохили мамлакат муҳоҷират кардан) истифода карда мешавад. Муҳоҷирати дохилӣ муҳоҷиратест, ки аҳолӣ дар дохили як мамлакат дар байни ноҳияҳои маъмурӣ ва маҳалҳои аҳолинишин ҷои сукунаташро иваз мекунад.
2. Аз рӯи аломати вақту замон муҳоҷиратро тақсим мекунанд:

- муҳоҷирати бебозгашт қатъӣ иваз кардани ҷои доимии сукунат мебошад;
- муҳоҷирати муваққатӣ кӯч бастан ба вақти кофии тӯлонӣ, аммо ба мӯҳлати маҳдуд аст, ки одатан ба вазъияти корӣ ва ҷои сукунат вобаста мебошад. Бештари ҷойивазкунии коргарон аз як мамлакат ба мамлакати дигар муҳоҷирати муваққатӣ мебошад;
- муҳоҷирати мавсимӣ ҷойивазкунии ҳарсолаи одамон дар давраҳои муайяни сол аст;
- муҳоҷирати мокувор ин ҳаракати мунтазами аҳолӣ аз як маҳалли аҳолинишин ба дигар маҳалли аҳолинишин барои кор ё таҳсил;
- муҳоҷирати меҳнатӣ ба хориҷа, ин муҳоҷирати муваққатӣ, вобаста ба пайдо кардани кор берун аз ҳудуди кишвари худ мебошад.

3. Аз рӯи шаклҳои ташкилӣ муҳоҷират ба муҳоҷирати ҷамъиятию муташаккил ва номуташаккил тақсим мешавад: муҳоҷирати ҷамъиятию муташаккил бо иштироки мақомоти давлатӣ ё ҷамъиятӣ сурат мегирад; муҳоҷирати номуташаккил бо қувваю воситаи худи муҳоҷирон, бе ёрии моддӣ ва ташкилии ягон муассиса сурат мегирад.

Маълумот **дар бораи муҳоҷирати дохилӣ ва хориҷии бебозгашти аҳолӣ** дар натиҷаи коркарди талонҳои баҳисобгирии оморӣ ва кӯчида омадан ва кӯчида рафтани аҳолӣ гирифта мешавад; ин талонҳоро мақомотҳои корҳои дохилӣ дар вақти бақайдгирӣ (кӯчида омадани аҳолӣ) ва аз қайд баровардан (кӯчида рафтани аҳолӣ) дар ҷои истиқомат (кӯчида омадан) пур мекунанд.

Шумораи умумии муҳоҷирон (ҷамъи адади муҳоҷират) шумораи аҳолии кӯчидаомада ва ҷамъи шумораи аҳолии кӯчидарафта мебошад.

Афзоиши муҳоҷирати (кӯчида рафтани) аҳолӣ (муҳоҷирати холис)-тафовути шумораи аҳолии ба ягон минтақа кӯчидарафта ва шумораи аҳолии кӯчидаомада мебошад. Аз шумораи аҳолии кӯчидарафта зиёд будани аҳолии кӯчидаомада аз афзудани аҳолӣ далолат мекунад, яъне бо аломати ҷамъ (+) ишора мешавад. Зиёд шудани шумораи аҳолии кӯчидарафта нисбат ба шумораи аҳолии кӯчидаомада аз кам шудани шумораи аҳолӣ башорат медиҳад, яъне бо аломати тарҳ (-) ишора мешавад.

ҚОНУНШИКАНӢ

Ҷинояткорӣ - зуҳуроти иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ, ҷамъи ҷиноятҳои содиршуда дар ҳудуд ё минтақаи аниқ дар давраи муайян мебошад, ки бо нишондиҳандаҳои миқдорию сифатӣ тавсиф карда мешавад.

Ҷиноятҳои ба қайд гирифташуда амалҳои ба ҷамъият хавфнок, ки дар қонунгузории ҷиноятӣ пешбинӣ шуда ва ошкор гардидаанд ва расман ба қайд гирифта шудаанд.

Ҷиноятҳои иқтисодӣ амалҳои хавфноки аз рӯи қонуни ҷиноятӣ ҷазододашаванда, ки дар соҳаи истеҳсолот, тақсим ва истеъмоли молҳо ва хизматрасонӣ, аз он ҷумла вобаста ба ғайриқонунӣ истифода кардани мақоми хизматӣ (дуздӣ, азхудкунӣ, камомад, сӯистифода аз вазифаи хизматӣ; бо роҳи фиреб кардани истеъмолкунандагон, вайрон кардани қоидаи савдо; вайрон кардани интизоми давлатии нарх, сартобӣ кардан аз пардохти андоз, истеҳсол ва фурӯши молҳо, хизматрасонӣ, ҷавобгӯ нашудан ба талаботи бехатарӣ ва ғайра) мебошанд.

Шахсоне**, ки ҷиноят содир кардаанд,** шахсоне мебошанд, ки мақомоти корҳои дохилӣ ва прокуратура расмӣ ба ҳисоб гирифтаанд ва ба онҳо парвандаи ҷиноятӣ кушодаанд ё барои кушодани парвандаи ҷиноятӣ ба мақсади сафед накардан инкор кардаанд.

Ҷиноятҳои ноболиғон ҷамъи ҷиноятҳое мебошанд, ки ноболиғон содир кардаанд, дар мавриди содир кардани ҷиноят чаҳордаҳ солро пур кардаанду вале ҳаждаҳ солро пур накардаанд.

Ошкоркунии ҷиноят - таносуби шумораи ҷиноятҳое, ки дар давраи ҳисобот тафтишоту таҳқиқоти парвандаи ҷиноятӣ ба охир расидааст, аз он ҷумла таҳқиқи парвандаи ҷиноятӣ қатъ карда шудааст ва парвандаи ҷиноятие, ки муҳлати таҳқиқаш ба охир расидааст, нисбат ба шумораи умумии ҷиноятҳои ошкоршуда ва ошкорнашуда, сарфи назар аз вақти кушодани парвандаи ҷиноӣ ва вақти ба қайд гирифтани ҷинояти мазкур мебошад.